# КОНСТИТУТСИЯ – ШИНОСНОМАИ МИЛЛАТ

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 11-12 (174-175) 4-УМИ НОЯБРИ СОЛИ 2022, ҶУМЪА

ДАР ИН ШУМОРА:

ДАР СУҲБАТИ ЁРДАМЧИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН с. 2

РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ с. 3

ОМИЛҲО ВА МАРҲИЛАҲОИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН с. 4-5

МАҲКАМ МАҲМУДЗОДА: КОНСТИТУТСИЯ – ЗАМИНАИ ТАШАККУЛИ ДАВЛАТДОРИИ НАВИН с. 6

СУХАН АЗ ВОЛОИЯТИ КОНСТИТУТСИЯ с. 8

САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАҲИЯ ВА ҚАБУЛИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН с.10

ГУЗАРЕ БА КОРОМАДИ КОНСТИТУТСИЯ с.12



Конститутсия пояҳои давлати моро устувор нигоҳ медорад ва роҳи моро ба сӯи ҷомеаи пешрафта, давлати тараққикарда ва зиндагии ободу озод ҳамвор месозад.

Бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ мақсад ва вазифаи асосии давлат буда, кафолати амалӣ гардидани онҳо дар Конститутсия муқаррар карда шудааст.

Конститутсия халқи Тоҷикистонро баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эътироф намудааст.

Тибқи Конститутсия давлати мо узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳон эълон гардида, имрӯз тавассути ташаббусҳои созандаи худ дар ҳалли масъалаву мушкилоти глобалии сайёра нақши арзанда мегузорад.

Эмомалӣ РАҲМОН

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Эмомалӣ МИРАЛӢ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Ҳамза БОБОХОНЗОДА
**Муҳаррир:**
**Некрӯз САФАРЗОДА**
**Таррох:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Қурбонализода Н.Ш.** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.** профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.** мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Раҳимзода М.С.** муовини декан оид ба илм ва иноватсия;
**Сулаймонов Ф.С.** дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Насриддинзода Э.С.** Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АМИТ;
**Раҳимзода Р.Ҳ.** Вазири маориф ва илми ҶТ;
**Ватанзода М.М.** Муовини аввали раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.
**Саидзода Р.Ҳ.** доктори илмҳои техникӣ, профессор
**Хушвахтзода Қ.Х.** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори ДМТ.
**Раҳмон Д.С.** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.
**Маҳмудзода М.А.** профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, академики АМИТ.
**Раҳимзода М.З.** профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АМИТ.

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.
Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 907-67-20-20
(+992) 939-25-98-28
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Миралӣ Собир**

# ДАР СУҲБАТИ ЁРДАМЧИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



Санаи 19 октябри соли 2022 Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Эмомалӣ Насриддинзода бо донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ вохӯрии судмандро анҷом дод.

Дар суҳбат профессор Насриддинзода Э.С. иброз дошт, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар як мулоқоти худ бо ҷавонон, онҳоро ба забономӯзӣ, дӯст доштани Ватан, гиромӣ доштани арзишҳои миллӣ, бархӯрдорӣ аз зиракии сиёсӣ даъват менамоянд. Аз ин рӯ, ҷавонон вазифадоранд, ки донандаи хуби забонҳои хориҷӣ бошанд, то ки тавонанд Ватани азизи худро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намоянд.

Дар интиҳо, роҷеъ ба ҷанбаҳои ҳуқуқии ҷашнҳои миллию давлатӣ, аз ҷумла 30-юмин солгарди Иҷлосияи сарнавиштсоз, Рӯзи Конститутсия ва Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон суолҳои хоса ва мулоҳизаҳои ҷолиб сурат гирифт.



# МУЖДАГОНӢ



Санаи 4 октябри соли 2022 бо амри Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба вазифаҳои роҳбарикунанда дар Дастгоҳи Иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин гардиданд.

Аз ҷумла, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия Сафарзода Анвар Ислом ба вазифаи сардори Раёсати илм, маориф ва фарҳанг, омӯзгори кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ Орзузода Фирӯз ба вазифаи сардори Раёсати кафолатҳои ҳуқуқи инсон, омӯзгори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия Сафарализода Зафар Сафаралӣ ба вазифаи муовини сардори Раёсати кафолатҳои ҳуқуқи инсон дар Дастгоҳи Иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин гардиданд.

Аз ин рӯ, садорати факултет, ҳайати таҳририяи нашрияи "Минбари ҳуқуқшинос", устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии ДМТ омӯзгорони факултет – Сафарзода А.И., Орзузода Ф. ва Сафарализода З.С.-ро ба муносибати таъйин гардиданашон ба ин вазифаҳои пурмасъулият



табрик намуда, ба онҳо барору комёбӣ, иқболу обрӯ ва фатҳи қуллаҳои баландро орзу менамоянд.

# МУҚОВИМАТ БА ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМ





Санаи 13 октябри соли 2022 дар шаҳраки донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон вохӯрии намояндагони Кумитаи давлатии амнияти миллӣ бо устодону донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ вобаста ба «Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» баргузор гардид.

Чорабиниро декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дотсент Қурбонализода Н.Ш. оғоз намуда, доир ба аҳамият ва зарурати мавзуи нишаст суханронӣ намуданд. Зикр гардид, ки имрӯз ҷомеаро зарур аст, тамоми ақлу заковат, дониш ва таҷрибаи ҳаётии худро ба он равона созад, ки ҳодисаҳои шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ғайриқонунӣ пешгирӣ ва аз байн бурда шаванд.

Намояндаи Кумитаи давлатии амнияти миллӣ зимни суханронии хеш иброз дошт, ки «мо бояд бахри пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротӣ ва гуруҳҳои террористӣ, иштироки онҳо дар ҷангу мунокишаҳои давлатҳои хориҷӣ, таҳсилоти ғайрирасмии динӣ дар хориҷи кишвар, ки яке аз сарчашмаҳои асосии шомилшавии ҷавонон ба ташкилоти террористию экстремистӣ мебошад, кӯшиш намоем».

Ҳамин тавр, дар охири чорабинӣ даъват ба амал бароварда шуд, ки ҳар як донишҷӯ вазифадор аст, ки ҳангоми истифодаи шабакаи интернет оқилманд бошад, зеро яке аз роҳҳои асосии ҷалби ҷавонон ба гуруҳҳои ифротӣ ин истифодаи ғайриоқилонаи шабакаҳои иҷтимоӣ дониста мешавад.

# ВОХӮРӢ БО КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРА



Санаи 28 октяби соли 2022 муовини Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Талбакзода Дилшод Саид ва муовини сардори Раёсати кадрҳои Прокуратураи генералӣ Юсуфзода Абурашид бо донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ вохӯрии судмандро анҷом доданд.

Зимни суҳбат меҳмонон иброз доштанд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид ба амал меоранд, ки ҳифзи арзишҳои миллӣ ва муаррифии мамлакат дар сатҳи байналмилалӣ вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як ҷавони кишвар маҳсуб меёбад.

Ҳамчунин, дар рафти вохӯрӣ доир ба тарғибу ташвиқи дастовардҳои Истиқлолияти давлатӣ ва саҳми арзандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар расидан ба сулҳу субот, оромии ҷомеа, Ваҳдати миллӣ ва аз парокандагӣ эмин нигоҳ доштани миллати тоҷик суҳбат намуданд.



**Масъули саҳифа Эмомалӣ МИРАЛӢ**

# ПАРЛАМЕНТҲОИ ҶАВОН



Дар шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон таҳти унвони «Парламентҳои ҷавон - нигоҳ баояндаи иттиҳод» ҳамоиши байнипарлумонии ҷавонони давлатҳои ИДМ доир шуд.

Ёдовар мешавем, ки ҳайати расмии парлумони Тоҷикистон таҳти роҳбарии раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ Маҳмадтоир Зокирзода ҷиҳати иштирок дар кори ҷаласаи Шурои Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои ИДМ (АБ ИДМ), ҷаласаи пленарии 54-уми АБ ИДМ ба шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Узбекистон сафар намуд.

Дар кори ҳамоиш декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Нурулло Қурбонализода ва профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Бахтовар Сафарзода иштирок ва суханронӣ намуданд.



Дар ҳамоиши мазкур намояндагони Арманистон, Озарбойҷон, Беларус, Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Котиботи Шурои АБ ИДМ ва таҳлилгарон ширкат доштанд.

Дар фарҷоми чорабинӣ иброз гардид, ки муносибатҳои дӯстона ва ҳасанаи ҷавонони давлатҳои аъзои ИДМ ба густариши ҳамкории минбаъда заминаи мусоид фароҳам хоҳад овард.



# СУҲБАТ БО СУДЯҲОИ ОЯНДА

Дар таърихи 15 октябри соли 2022 дар толори Ганҷинаи Ш. Ҳусейнзодаи ДМТ тибқи ҷадвали баргузории вохӯриҳои судяҳои суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе вохӯрии хоса бо донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ баргузор гардид. Дар вохӯрии мазкур судяҳои суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе Сафозода Амриддин, Абдулҳамид Искандарзод, Шарифзода Саидхоҷа, Абдураҳимзода Лутфия, Юсуфзода Зубайдулло, мудири шуъбаи тарбияи Донишгоҳ Саидов Ҳусниддин, омӯзгорону донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ иштирок доштанд.

Дар чорабинии мазкур баромадкунандагон вобаста ба масъалаҳои ташвишовари ҷомеа, аз ҷумла, терроризм ва экстремизм, пешгирии бекоршавии ақди никоҳҳо, фарҳанги истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқиву сиёсии ҷавонон, нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини адолат, омӯзиши илмҳои замон ибрози андеша намуданд.

Дар интиҳои вохӯрӣ донишҷӯён саволҳои худро вобаста ба мавзуъҳои мазкур пешниҳод намуданд ва ҷавобҳои қонеъкунанда гирифтанд.



# РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ



Таҳти ин унвон санаи 6-уми октябри соли 2022 дар заминаи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи тақдирсози XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, дотсент Қурбонализода Н.Ш. зимни ироаи аввалсухани худ нахуст ҳузури муборакри меҳмонон ва аҳли нишастро хайру мақдам гуфта, сипас, ба аҳамият ва зарурияти мавзуи матраҳшаванда ишора намуда, ба масъулин барои гузаронидани чунин ҳамоиши илмии сатҳи баланд изҳори сипосу миннатдорӣ намуданд.

Мавсуф иброз доштанд, ки Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии ҶТ муайянкунандаи тақдири фардои миллати тоҷик гардид. Ин Иҷлосия бо талошу заҳматҳои шахсияти баруманди миллати тоҷик, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кори худ оғоз намуда, масъалаи аввале, ки мавриди барассӣ қарор гирифт сулҳу субот ва истиқлолияти комили давлати тоза соҳибистиқлоли тоҷикон буд.

Сипас, аз рӯйи барномаи кории ҳамоиши илмии мазкур баромадкунандаҳо оид ба паҳлуҳои гуногуни мавзуъҳои худ маърузаҳо қироат карданд.

Изҳори умед карда шуд, ки натиҷаҳои ин ҳамоиши илмӣ барои такмили низоми ҳуқуқии кишвар муфид ва самарабахш хоҳад буд.

# ҶАЛАСАИ ПАДАРУ МОДАРОН



Санаи 22 октябри соли равон дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҷаласаи васеи падару модарони донишҷӯёни факултет баргузор гардид.

Дар рафти вохӯрӣ декани факултет дотсент Қурбонализода Н.Ш. суханронӣ намуда, пеш аз ҳама ҳозиринро ба факултети ҳуқуқшиносӣ хушомадед намуда, иброз дошт, ки Пешвои миллат дар суханрониҳои худ таъкид менамоянд, ки ба ҷавонони кишвар ҳамчун неруи фаъолу боғайрат, ташаббускору созанда, эътимоди зиёд дорем ва дар раванди бунёди ҷомеаи демократӣ ва ободу пешрафта ба онҳо такя менамоем. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки ҳар як падару модар барои тарбияи фарзандонашон бояд аз беҳтарин анъанаҳои ахлоқии гузаштагонамон истифода баранд, чунки тарбия пояи давлату давлатдорӣ ва инсону инсонгарӣ мебошад. Маърифат, ақлу заковати инсон ва мақоми ӯ дар ҷамъият низ аз тарбия вобаста аст.

Ҳамчунин, дар кори маҷлис мудири шуъбаи тарбияи ДМТ дотсент Саидов Ҳ.М. иштирок ва суханронӣ намуданд. Мавсуф зикр карданд, ки мо бояд ҷавононро дар рӯҳияи эҳтиром ба арзишҳо



миллӣ, садоқат ба Ватан, ба ҷо



овардани эҳтироми омӯзгорон тарбия намоем. Ин ҳадафи мо, дар ҳоле амалӣ мешавад, ки Шумо падару модарони азиз бо садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ҳамкорӣ намоед.

Дар интиҳои чорабинӣ миёни падару модарон ва омӯзгорони факултет табодули афкор сурат гирифта, волидайни донишҷӯён аз ин тасмимҳои садорати факултети ҳуқуқшиносӣ хушҳол гардида, сипоси беандозае худро ба Ректори ДМТ ва садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ироа доштанд.

**Масъули саҳифа**
**Некрӯз САФАРЗОДА**

# ОМИЛҲО ВА МАРҲИЛАҲОИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ



**Муҳаммадҷон СОҲИБЗОДА**
**муовини якуми директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**

## ТАВСИФИ УМУМӢ

Конститутсияи ҶТ рукни муҳимми давлатдории миллӣ махсуб гардида, роҳи минбаъдаи пашрафту тараққиёти кишвари озоду соҳибистиқлол ва демократии моро муайян карда, соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии Тоҷикистон, дахлнопазирии ҳудуди кишвар, моҳият ва вазифаҳои давлат, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин асосҳои иқтисодиву сиёсӣ, иҷтимоиву фарҳангии давлат ва ҷомеаро устувор намуд.

Бояд қайд намуд, ки қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Конститутсияи ҶТ) хамчунин аҳамияти дохилии ҳуқуқтаъсискунӣ, меъёрмуқарраркунӣ ва танзимнамоӣ дорад, ки он барои дар заминаи баланди қонунӣ муқаррар кардани асосҳои сохтори конститутсионӣ ва ба роҳ мондани ҳаёти ҷамъиятӣ ва ташаккули сохтори давлатӣ заминаи устувори ҳуқуқӣ гузоштааст.

Бори нахуст дар таърихи давлатдории тоҷикон 6 ноябри соли 1994 Конститутсияи Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ба сифати қонуни асосии кишвар бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид. Бо дарназардошти дастовардҳои нави ҷомеа то ин муддат ислоҳоти конститутсионӣ гузаронида шуда, марҳилаи нави такмили сохтори конститутсионӣ оғоз гардид ва он имкон дод, ки 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 ба Конститутсияи ҶТ тағйиру иловаҳо ворид шуда, мазмуну мухтавои низоми ҳуқуқии кишвар такмил ва асосҳои демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ ва дунявии он таҳким ёбад.

Бояд қайд намуд, ки дар се марҳила ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ сабабҳо ва омилҳои хоссаро доро буда, бо пешрафти ҷомеа, дигаргуниҳои сифатии ҳаёти ҷомеа дар раванди ислоҳоти сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ табиист, ки ба вуқӯъ мепайвандад.

Аз нигоҳи дигар, гузариш ба сохти нави давлатдории миллӣ, яъне пас аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ба давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона, иҷтимоӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки унсурҳо ва махсусиятҳои муайянро пешбинӣ менамоянд, омили асосии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ гардид. Дар заминаи чунин раванд дигаргуниҳои куллӣ дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ ба вуҷуд омада, низоми идоракунии давлатӣ ва дурнамои рушди бахшҳои муҳимми хоҷагии халқ муайян карда шуданд.

**Дар баробари ин, метавон омилҳои асосии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ-ро ба ду хусусиятҳои хос таснифбандӣ намуд: омилҳои миллӣ ва омилҳои байналмилалии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия.**

Ба омилҳои миллӣ асосҳои таърихӣ ва ташкилӣ-ҳуқуқии иқтидори воқеии кишвар ҷиҳати таъмини сатҳи иҷтимоӣ, ташаккули манбаи захираҳои иқтисодӣ, молиявӣ, меҳнатӣ, энергетикӣ, хусусиятҳои осори фарҳанги миллӣ, истифодаи васеи анъанаҳои миллӣ, таҳкими фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ ҳамчун шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, такмили техникаи ҳуқуқӣ ва қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ дохил мегарданд.

Ба омилҳои байналмилалӣ бошад, рушди равобити берунии кишвар бо созмону ташкилотҳои минтақавию байналмилалӣ, тақвияти ташаббусҳои бунёдӣ дар ҳалли масъалаҳои экологӣ ва амнияти дар сатҳи байналмилалӣ, ворид гардидани мамлакат ба як қатор созмонҳои бонуфузи молиявию тиҷоратӣ, вусъат гирифтани равобити дуҷониба ва бисёрҷониба бо кишварҳои минтақа ва ҷаҳон дар самти роҳандозии муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва амсоли ин шомил мебошанд.

Инчунин, дар асри кунунӣ раванди ба вуҷуд омадани бӯҳрони сиёсиву молиявӣ дар ҷаҳон, ҷаҳонишавӣ, бархӯрди тамаддунҳо, тезутунд гаштани масъалаҳои энергетикӣ, молиявӣ, захиравӣ, экологӣ ва дигарҳо ҳамчун омилҳои таъсирнок ба низоми дохилии ҳар як давлат гардида, чунин равандҳо боиси тағйиротҳои куллӣ ва маҷмӯӣ ба Конститутсияи ҶТ мегарданд.




## МАРҲИЛАИ ЯКУМИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ 26 СЕНТЯБРИ СОЛИ 1999

Аввалин маротиба ба Конститутсияи ҶТ 26 сентябри соли 1999 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст, ки дигаргуниҳои мазмуниву меъёрӣ ва ҳуқуқиро ташкил менамоянд. Аз ҷумла, дар даҳ қисм ва ба 28 моддаҳои дахлдори Конститутсияи ҶТ тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд.

Бояд қайд намуд, ки бевосита дар моддаи 28 ҳуқуқи муттаҳид шудани шаҳрвандон дар шакли мукаммал ва мушаххас дар таҳрири нав пешбинӣ карда шуд.

Маҳз дар заминаи тағйиру иловаҳои мазкур боби сеюми Конститутсияи ҶТ (Маҷлиси Олӣ – иборат аз 16 модда) дар таҳрири нав, ки дар таърихи сиёсии кишвар бори нахуст парламенти думанҷлиса муқаррар карда шуда, минбаъд ба фаъолият шуруъ намуд. Ҳамчунин тартиби интихоби вакилони парламент, таъини аъзои Маҷлиси миллӣ, дахлнопазирӣ, механизми ба роҳ мондани фаъолияти дохилии парламенти кишвар, тартиб ва асосҳои гузаронидани ҷаласаҳои якҷоя, доираи салоҳияти палатаи болоӣ – Маҷлиси миллӣ ва палатаи поёнӣ – Маҷлиси намояндагон мушаххас таснифбандӣ гардида, самаранокии фаъолияти якҷоя ва ҷудогонаи палатаҳои Маҷлиси Олӣ мустаҳкам карда шуданд.

Ҳамзамон мӯҳлати ваколати Президенти кишвар аз 5 ба 7 сол ва доираи салоҳиятҳои Сарвари давлат аз 26 ба 30 расонида шуданд.

Дар баробари ин, ба маҷлиси вакилони халқи ВМКБ дар заминаи моддаи 82 Конститутсияи ҶТ ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дода шуд.

Дар заминаи тағйироти мазкур, ҳамчунин мӯҳлати ваколати судяҳо аз 5 ба 10 сол, ба низоми судӣ Суди иқтисодии ВМКБ, судҳои иқтисодии вилоятҳо ва шаҳри Душанбе дохил карда шуданд, инчунин механизми ба вазифа таъин гардидани онҳо мушаххасан пешбинӣ гардид, ки ин меъёр ба таъмини сифатноки адолати судӣ ва иҷтимоӣ дар кишвар мусоидат намуд.

Дар асоси тағйиру иловаҳои мазкур, шакл ва тартиби таъин ва гузаронидани раъйпурсии умумихалқӣ, ки ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ махсуб мегардад, муайян карда шуд.

## МАРҲИЛАИ ДУЮМИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ 22 ИЮНИ СОЛИ 2003

Тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ дар марҳилаи дуюм, яъне 22 июни соли 2003 ба мукаммалсозӣ ва мустаҳкам намудани муносибатҳои ҷамъиятӣ бо дарназардошти унсурҳои давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ равона гардидаанд. Дар ин марҳила дар доираи 56 қисмат ба дебоча ва ба 54 модда тағйиру илова ворид карда шуда, бори нахуст муқарраротӣ интиқолӣ бо фарогирии 4 қисм дар Конститутсияи ҶТ пешбинӣ карда шуд.

Дар моддаи 5 инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф гардида, дар моддаи 6 бошад, раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот ҳамчун ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ мустаҳкам карда шуданд.

Дар моддаи 8 ҳизбҳои сиёсӣ чун унсури низоми сиёсӣ шинохта шуда, ягонагии мафкураи давлатӣ дар радифи (муқобили) мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе муқаррар гардид.

Инчунин дар моддаи 14 бевосита амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мустаҳкам гардида, онҳо ҳамчун мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, маҳаллӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ эътироф гардида, тавассути ҳокимияти судӣ таъмини онҳо кафолат дода шуд.

Дар моддаи 19 ҳуқуқи ҳар шахс ба баррасии парванда дар суди босалоҳият, мустақил ва беғараз мустаҳкам гардид. Дар моддаи 27 ҳуқуқи дар раъйпурсӣ иштирок кардани шаҳрванд аз синни 18 пешбинӣ карда шуда, дар моддаи 28 асосҳои демократии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ мустаҳкам шуданд ва дар моддаи 30 тарғиби бадбинии иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва забонӣ манъ карда шуд.

Дар баробари ин, дар сатҳи Конститутсияи ҶТ мушаххасан дар моддаи 38 вазифаи давлат дар соҳаи солимгардонии муҳити зист, инкишофи оммавии варзиш ва сайёҳӣ мушаххас гардида, дар моддаи 41 бошад, ҳуқуқи шахс ба таҳсили умумии асосии ройгон дар муассисаҳои таълимии давлатӣ ва таҳсилоти ибтидоӣ, касбӣ, касбии миёна ва олӣ устувор карда шуд.

Дар заминаи тағйироти болозикр

# ИЛОВАҲО БА КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

синни 25-солагӣ ва тахсилоти олӣ барои интихоб шудан ба мансаби вакили Маҷлиси намояндагон, синни 35 ва тахсилоти олӣ барои аъзои Маҷлиси миллӣ муқаррар шуда (моддаи 49), асосҳои қатъи ваколатҳои аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон мушаххас гардид (моддаи 51). Инчунин салоҳияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ҳангоми гузаронидани ҷаласаҳои якҷоя ва дар алоҳидагӣ (моддаҳои 55, 56 ва 57) танзим шуданд. Дар моддаи 63 доир ба пароканадашавии Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон муқаррароти нав ҳангоми гузаронидани ҷаласаи якҷояи худ пешбинӣ карда шуд.

Инчунин синни мансаби президентӣ на кам аз 35, тахкими мухлати ваколат (моддаи 65) ва салоҳиятҳои Президент (моддаи 69) мушаххас карда шуданд.

Ҳамзамон дар заминаи тағйирот ба моддаи 77 мухлати ваколати маҷлиси вакилони халқ 5 сол, аз номи давлат ва аз тарафи судҳо амалӣ гардидани ҳокимияти судӣ, инчунин ба низоми судӣ ворид намудани Суди иқтисодии ВМКБ, судҳои иқтисодии вилоятҳо ва шаҳри Душанбе дар моддаи 84 дохил карда шуданд.

Аз ҷумлаи навгонии муҳиме, ки дар асоси тағйироти болозикр ба вуҷуд омад, ин меъёрҳо вобаста ба муқарраротӣ интиқолӣ махсуб мегардад. Дар муқаррароти интиқолии Конститутсияи ҶТ дар 4 қисм меъёрҳо пешбинӣ гардидаанд, ки муносибатҳо вобаста ба давраи гузариши қувваи амали чунин санади олии ҳуқуқиро ифода менамоянд.

## МАРҲИЛАИ СЕЮМИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ 22 МАЙИ СОЛИ 2016

Дар заминаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ аз 22 майи соли 2016, ки марҳилаи сеюми ворид намудани тағйиру илова махсуб мегардад, 40 тағйиру иловаҳои мушаххас ба номи Конститутсияи ҶТ, номи боби шашум, 37 модда ва муқаррароти интиқолии он ворид карда шуданд.

Махз дар заминаи тағйироти мазкур аз ном ва матни Конститутсияи ҶТ калимаи «Сарқонун» хориҷ карда шуд.

Инчунин шакли идоракунии ҶТ ҳамчун шакли идоракунии президентӣ дар қисми дуюми моддаи 1 мустаҳкам карда шуд.

Дар моддаҳои 5 ва 7 Конститутсияи ҶТ калимаҳои ифодакунандаи мазмуну моҳияти ҳуқуқидошта пешбинӣ гардид.

Инчунин дар моддаи 8 манъи фаъолияти ҳизбҳои сиёсии дигар давлатҳо, таъсиси ҳизбҳои хусусияти миллӣ ва динидошта, инчунин маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ аз ҷониби давлатҳо ва созмонҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ дар ҶТ мустаҳкам карда шуд.

Дар моддаҳои 14, 15, 16, 18, 20, 27, 28 ва 32 ибораҳои мазмуниву меъёрӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилӣ мутобиқан ба пайдарпайии мантиқии муносибатҳои танзимкунандаи дар сатҳи Конститутсияи ҶТ пешбинигардида ворид карда шуданд.

Дар қисми 2 моддаи 34 Конститутсияи ҶТ масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон, инчунин масъулияти фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъминоти иҷтимоии падару модар мустаҳкам карда шуд.

Дар моддаи 45 супоридани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян намудааст, ҳатмӣ эълон карда шуд.

Дар боби сеюми Конститутсияи ҶТ (Маҷлиси олӣ) синни интихоб гардидан ба мансаби вакили Маҷлиси намояндагон ва аъзои Маҷлиси миллӣ ба 30 баробар карда шуда, механизми савгандёдкунии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон баъди интихоб ва ё таъин шудан дар иҷлосияи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешбинӣ карда шуд (моддаи 49).

Дар боби чоруми Конститутсияи ҶТ (Президент) синни интихоб гардидан ба мансаби Президенти ҶТ 30 ва тахсилоти олӣ ҳамчун унсурҳои асосӣ пешбинӣ гардида (моддаи 65), аз доираи салоҳияти Президенти кишвар бо сабаби бархам хӯрдани фаъолияти Шурои адлия банди 12 хориҷ карда шуд ва бо чунин низом доираи салоҳияти Президент ба 29 адад муқаррар карда шуданд (моддаи 69).

Дар сатҳи Конститутсияи ҶТ, бевосита дар қисми 3 моддаи 73 масъалаи савгандёдкунии аъзои Ҳукумати мамлакат баъди аз ҷониби Президенти ҶТ таъин шудан ва тасдиқ гардидани фармон дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон устувор карда шуд.

Номи боби шашуми Конститутсияи ҶТ махз дар заминаи тағйиру иловаҳои мазкур иваз гардида, бо номи «Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ» муқаррар карда шуд.

Ҳамчунин дар асоси тағйиру иловаҳои мазкур ба моддаи 85 танҳо синни поёнии ба вазифаи судяи Суди олӣ, Суди олии иқтисодӣ, судҳои ВМКБ, вилоят ва шаҳри Душанбе интихоб ё таъин гардидан 30 ва 5 сол собиқаи кории судягӣ, инчунин судяҳои судҳои шаҳр ва ноҳия, судҳои иқтисодии ВМКБ, вилоят ва шаҳри Душанбе 25 ва 3 сол собиқаи кории касбӣ пешбинӣ карда шуда, дар вазъияти тантанавӣ ёд намудани савганд аз ҷониби шахсе, ки бори аввал ба вазифаи судя таъин гардидааст, мустаҳкам карда шуд.

Бо чунин мазмун, синни поёнии ба вазифаи судяи Суди конститутсионӣ интихоб гардидан 30 ва собиқаи кории 7-сола пешбинӣ карда шуда, дар иҷлосияи Маҷлиси миллӣ савганд ёд намудани шахси бори аввал ба вазифаи судяи Суди конститутсионӣ интихобшуда муқаррар гардид.

Инчунин қисми 4 муқаррароти интиқолии Конститутсияи ҶТ дар таҳрири нав пешбинӣ карда шуда, бо тартиби муқаррарнамудаи Конститутсия ва қонунҳои конститутсионӣ савганд ёд намудани аъзои Маҷлиси миллӣ, вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзои Ҳукумат баъд аз эътибори ҳуқуқӣ пайдо кардани «Тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ» муқаррар карда шуд.

Бо дарназардошти омилҳо ва марҳилаҳои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ метавон хулоса намуд, ки Конститутсияи ҶТ қонуни асосӣ буда, асосҳои сохтори конститутсионӣ, ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, тартиби ташкил ва таҷзияи ҳокимияти давлатиро муайян мекунад.

**Омӯзиши меъёрҳои Конститутсияи ҶТ ва марҳилаҳои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он собит намуд, ки дар умум масъалаҳое, ки дар Конститутсияи ҶТ муқаррар гардидааст, ба шаш самти асосӣ ҷудо мешаванд:**



**Шоҳрух ОДИНАЗОДА**
**муовини сардори шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**1) арзишҳои умумӣ-конститутсионӣ, яъне масъалаҳо вобаста ба дебочаи Конститутсия;**
**2) масъалаҳои асосҳои сохтори конститутсионӣ (боби 1);**
**3) вазъи ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд (боби 2);**
**4) тартиби ташкил ва таҷзияи ҳокимияти давлатӣ (бобҳои 3-9);**
**5) тартиби тағйири Конститутсия (боби 10);**
**6) масъалаҳо вобаста ба муқаррароти интиқолии Конститутсия.**

Ҳамчунин, метавон зикр намуд, ки омилҳо ва марҳилаҳои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ собит менамоянд, ки он қисми ҷудонашавандаи амалия ва таҷрибаи конститутсионии ҷомеаи ҷаҳон мебошад. Ин аст, ки дар ҳамаи давлатҳои ҷаҳон таҷрибаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия ҷой дорад.

Дар баробари ин, метавон қайд намуд, ки замнаҳои ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи дар се марҳилаи муайян ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ бо дарназардошти тараққиёт ва рушду нумӯи ҷомеа, мусоидат ба инкишофи демократикунонии минбаъдаи ҳаёти ҷомеа, ба вуқӯъ пайвастани дигаргуниҳои куллан ҷадид дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, такмил додани асосҳои конститутсионии ҳокимияти давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва кафолати онҳо, инчунин ҷалби ҷавонон ба ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ ба вуҷуд омадаанд. Субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар таҳия ва тадвини тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ аз назария ва амалияи пешқадамтарин кишварҳои ҷаҳон дар риштаи ҳуқуқ ва низоми қонунгузорӣ васеъ истифода бурдаанд.

Дар маҷмӯъ, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ талаби замон буда, мазмуну мухтавои Конститутсияро таҳкиму тақвият мебахшанд, инчунин барои таҳкими ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мустаҳкам ва такмил додани фаъолияти мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, инкишофи қонунгузорӣ дар ҶТ ва рушди минбаъдаи муносибатҳои ҷамъиятӣ мусоидат намуда истодаанд.



**Дар арафаи таҷлили 28-умин солгарди қабули Конститутсияи ҶТ ҳайати таҳририяи нашрияи «Минбари ҳуқуқшинос» тасмим гирифт, ки бахшида ба мабонӣ, равандҳо ва фарояндҳои Қонуни асосии кишвар бо академики Академияи миллии илмҳои ҶТ, олими намоён, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, устоди факултети ҳуқуқшиносӣ Маҳмудзода Маҳкам мусоҳиба анҷом диҳад, ки фишурдаи онро пешкаши хонандаи закӣ менамоем.**



# МАҲКАМ МАҲМУДЗОДА: КОНСТИТУТСИЯ – ЗАМИНАИ ТАШАККУЛИ ДАВЛАТДОРИИ НАВИН



**– Устоди азиз, нахуст меxoҳем дар мавриди аҳаммият ва мундариҷаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон андешаронӣ менамудед.**

– Ташаккури зиёд шогирд. Соли ҷорӣ аз қабули Конститутсияи давлати демокративу ҳуқуқбунёдамон 28 соли таърихӣ сипарӣ мегардад, ки дар ин айёми начандон тулонӣ бо шарофати заҳмату талошҳои пайгиронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон арзишҳои волои ин ҳуҷҷати муҳимми сиёсӣ-ҳуқуқӣ бо такя бо анъанаҳои миллии ниёгонамон барои эъмори давлати озоду мустақил ва таҳкими ҳокимияти конститутсионӣ дар кишвар заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ гузошт. Конститутсия аз ғояи ҳокимияти халқ, ки моҳияти соҳибихтиёрии халқро дар бар мегирад, сарчашма гирифта, дар он асосҳои сохтори конститутсионӣ, кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, дахлнопазирии ҳудуди кишвар, забони давлатӣ, рамзҳои давлатӣ, асосҳои иқтисодиву сиёсӣ, иҷтимоиву фарҳангии давлат ва ҷомеаи Тоҷикистон таҷассуми худро пайдо намудаанд.

**– Сипос, устоди иззатманд, иброз медоштед, ки дар шароити имрӯзаи мамлакат нақши Конститутсия дар ташаккули қонунгузории миллӣ чӣ гуна арзёбӣ мегардад?**

– Дар асоси амалишавии меъёрҳои Қонуни олии кишвар гуфтан мумкин аст, ки имрӯз андешаҳои муосири парламентаризми миллии Тоҷикистон рушду такомул ёфта, аз ҷониби парлумони мамлакат раванди қонунэҷодкунӣ, хусусан қонунҳои миллӣ, ки мақсаду мароми онҳо ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандони кишвар мебошад, бо маром идома ёфта истодааст. Дар ин ҷода метавон қонунҳои миллии Ҷумҳуриии Тоҷикистонро “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар ҶТ” ва “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо истифода аз ҳуқуқи конститутсионии ташабусси қонунгузорӣ ба парлумони кишвар пешниҳод шуда, қабул гардиданд, номбар намуд. Қонунҳои фавкуззикр сарчашмаи худро аз ин санади волои ҳуқуқӣ, яъне Конститутсияи ҶТ мегиранд.

**– Устоди арҷманд, ҶТ давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, зикр мекардед, ки Конститутсия дар бунёди чунин давлат чӣ нақш дорад?**

– Конститутсия Тоҷикистон ба марҳалаи нави таърихи гузариш аз ҷомеаи собиқ сотсиалистӣ ба давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоӣ ва ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ гузошта, барои муайян намудани асосҳои сохтори конститутсионӣ, таҳкими ҳокимияти давлатӣ, самтҳои чараёни инкишофи ҷомеа, бунёди давлатдории навин, заминаи воқеӣ гузошта, дар асоси он рушди бемайлони давлат, вазъи муътадили сиёсӣ ва амнияти ҷомеа, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таҳкими қонуниятутартиботи ҳуқуқӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъмин карда шуд. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин мавриди сароҳатан қайд менамояд: “Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пояҳои истиқлолият ва асосҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоии моро таҳким бахшид, сарчашмаи ташаккули низоми нави қонунгузории давлати муосири мо гардид ва иштироки озодонаву васеи шаҳрвандонро дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии кишвар ва идораи давлат таъмин намуд”.

Дар маҷмуъ, Конститутсия ҶТ дорои нишона ва хусусиятҳое мебошад, ки онҳо барои эъмор ва таҳкими давлати муосири демокративу ҳуқуқбунёд замина гузошта, дар илми муосири ҳуқуқ ҳуқуқ таркибии қонунҳои сатҳи олӣ эътироф гардидаанд, аз қабили:

а) афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки аз ҳуқуқҳои табиии инсон маншаъ гирифта, бо кафолати давлатӣ таъмин карда мешавад. Давлати Тоҷикистон мустаҳкам ва шикастнопазир будани ин ҳуқуқу озодиҳо ва масъулияти давлатиро барои риоя ва ҳифзи онҳо эътироф менамояд;

**б) мустақилияти судҳо ҳамчун механизми асосии кафолати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд.** Танҳо суди мустақил имкон дорад, ки ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро аз дахолати дигарон самаранок ҳимоя намояд;

**в) волоияти Конститутсия нисбат ба ҳама санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.** Ягон қонун ё дигар санад наметавонад Конститусияро ислоҳ ё пурра намояд ва ё ин ки зиёда аз ҳама ба он мухолифат намояд.

**г) афзалияти санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи ҶТ нисбат ба қонунҳои ҶТ.** Ин хусусияти давлати ҳуқуқбунёд барои ба чаҳони муосир ворид шудани Тоҷикистон нигаронида шуда, дар заминаи меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ қонунгузории миллӣ ба шакли муайян даровварда шуда, ба ин васила, рушди демокративу иҷтимоии давлат, ки аз санадҳои байналмилалӣ сарчашма мегирад, таъмин карда мешавад. Чунин муқарраротро Конститутсияи ҶТ дар бар мегирад, таъминкунандаи фазои ягонаи ҳуқуқӣ дар мамлакат маҳсуб меёбад.

**– Устоди азиз Шумо тӯли чанд сол дар маснади раиси Суди конститутсионии кишвар будед ва ба андешаи Шумо Суди конститутсионӣ дар таъмини волоияти Конститутсия чӣ гуна нақш дорад?**

– Дар шароити имрӯза, ҳадафи стратегии ҷомеаи навини тоҷикон эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ, дунявӣ, таъмини волоияти қонун ва амнияти ҷомеа, таҳкими дастовардҳои истиқлолият, ҳимояи манфиатҳои умумимиллӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Дар ин замина, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти судиро ҳамчун рукни мустақили давлат эътироф намудааст, ки он бояд баҳри таҳкими қонуният ва таъмини адолати иҷтимоӣ, сохтмони ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд нақши сазовор дошта бошад. Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти ҳокимияти судӣ бо мақсади риоя ва ҳифзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, таъмин намудани волоият ва амалӣ бевоситаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави мамлакат ташкил шудааст. Таъмин намудани амали бевоситаи Конститутсия, яке аз самтҳои асосии фаъолияти Суди конститутсионӣ ба ҳисоб меравад. Таъмини ҳифзи Конститутсия низ вазифаи асосии Суди конститутсионӣ мебошад. Ин фаъолият бо роҳи пешгирӣ намудан, ошкор ва бартараф кардани вайронкунии меъёрҳои Конститутсия амалӣ гардида, татбиқи меъёрҳои Конститутсия таъмин карда мешавад. Воқеан, Суди Конститутсионии мамлакат дар ҳифзи Конститутсияи кишвар нақши босазо дорад.

**– Саломату сарбаланд бошед, устоди азиз, дар фарҷом Шумо ба тамоми мардуми кишварро ба муносибати 28-умин солгарди рӯзи қабули Конститутсия табрик мегуем.**

– Саломат бошед. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкурсии давлату давлатдории навини мо мебошад ва имрӯз, ки дар арафаи таҷлили 28-умин солгарди ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз карор дорем, мехостам Шумо ва кулли ҳамватанонро ба ин ҷашни таърихӣ, табрику таҳният гуфта, ба ҳар яки Шумо саломативу хушбахтӣ, рӯзгори орому осоишта ва сарбаландиро орзу менамоям.

**– Саломату сарбаланд бошед, устоди азиз!**

**Мусоҳиб: Азимҷон ҶУРАЕВ**




# КОНСТИТУТСИЯ – ЗАМИНАИ ДАСТОВАРДҲОИ ҲУҚУҚӢ

6-уми ноябр барои мардуми куҳанбунёд, фарҳангсолор ва шарафманди тоҷик яке аз санаҳои сарнавиштсози таърихӣ ва лаҳзаҳои хушбахтиву сарбаландӣ махсум меёбад. Чунки маҳз дар ҳамин сана миллати тоҷик ва мардуми саодатманди мамлакат Конститутсия – бахтномаи миллатро қабул карда, чун муқаддасоти миллӣ онро пос медоранд ва барои риояву амалӣ гардидани меъёрҳои он пайваста талошҳои хастанопазир менамоянд.

**Иброз бояд дошт, ки Конститутсияи ҶТ мафҳумҳо ва меъёрҳоеро дар худ инъикос намуд, ки заминаи ҳуқуқии тамоми дастовардҳои минбаъда гардиданд.**

**Аввалан, чароёни қабули Конститутсияи кишвар нишон дод, ки халқи тоҷик ва мардуми Тоҷикистон сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё бавосита, яъне тавассути намояндагони худ дар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ амалӣ менамояд.** Марҳилае, ки Конститутсия қабул гардид шароити басо душвор барои мамлакат ба ҳисоб мерафт, лекин новобаста аз ин мушкилиҳо, бо азму иродаи қавӣ халқи тоҷик ба заминаи як давлати воқеан ҳуқуқбунёд асос гузошт.

**Дуюман, Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ҳайси давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ эълон намуд. ҶТ** хамчун давлати комилҳуқуқ дар сатҳи байналмилалӣ пазируфта шуда, шохаҳои ҳокимияти давлат зери принсипи волоият, мустақилият ва мухторияти ҳокимияти давлатӣ фаъолият мекунанд, ки ин соҳибихтиёрии мамлакатро чи дар дохил ва чи дар хориҷи мамлакат нишон медиҳад. Ҳамчунин, имрӯз падидаҳои демократӣ дар кишвар мушоҳида гардида, заминаи ҳуқуқии давлати ҳуқуқбунёд дар мамлакат мавҷуд мебошад. Дунявияти кишвар аз он бармеояд, ки дар мамлакат ягон

> **Конститутсияи Тоҷикистон, ки дар роҳи бунёд ва рушди давлати навини тоҷикон нақши сарнавиштсоз дорад, яке аз дастовардҳои бузурги даврони истиқлол мебошад.**
>
> **Эмомалӣ Раҳмон**



**Комрон ДАВЛАТЗОДА**
**дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ**

дину мазҳаб ҳамчун мафкураи ҳукмрон эътироф намегардад, ки ин таъминкунандаи гуногунандешагӣ дар кишвар аст. Вобаста ба сохти давлатдорӣ чунин иброз намудан мумкин аст, ки мо роҳи бунёди давлати ягонаро интихоб кардем. Чунки маҳз ин сохти давлатдорӣ дар шароити имрӯза, таърих, фарҳанг, идеология, минталитет, урфу одат ва анъанаҳои давлатдории мо мувофиқ аст. Дар баробари ин, Коститутсия шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро барои ҳар як шаҳрванд кафолат додааст, ки ин аз иҷтимоӣ будани кишвари мо шаҳодат медиҳад.

**Сеюм, бояд иброз дошт, ки алоқамандии давлат ва ҳуқуқ дар адабиётҳои ҳуқуқӣ яке аз нишонаҳои давлат эътироф гардидааст.** Яъне бе ҳуқуқ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ мавҷудияти давлат зери суол меравад. Ба сифати чунин маҳаки давлатдорӣ дар кишвари мо Конститутсия ва дигар қонунҳое, ки аз он сарчашма мегиранд баромад мекунад. Конститутсия Истиқлолияти давлатии тоҷиконро ба расмият дароварда, дар пешрафту устувории ҷомеаи мутамаддин нақши босазое гузошт.

**Чорум, бори аввал хаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дар ин санади олии ҳуқуқӣ дахлнопазир эълон гардида, эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон кафолат дода шуд.** То қабул гардидани Конститутсияи соли 1994 чунин арзишҳо дахлнопазир набуданд ва кафолати амалишавии онҳо дида намешуд.

**Панҷум, асосҳои ҳуқуқиву сиёсӣ ва самтҳои асосии таҳкиму пешрафти ояндаи ҷомеаро мутобиқ сохта, барои мустаҳкам гардидани истиқлолияти воқеъи давлат замима гузошт.** Аз ҷумла, дар заминаи Конститутсия, қонунҳое қабул ва мавриди амал қарор қарор гирифтаанд, ки назирашонро ҷомеаи ҷаҳонӣ кам дар ёд дорад. Масалан, Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар ҶТ» хусусияти миллӣ дошта, дар заминаи меъёрҳои Конститутсияи ҷумҳурӣ таҳия гардидаанд.

**Шашум, Конститутсия шаклҳои гуногуни моликиятро асоси иқтисодиёти мамлакат эътироф намуда, фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла, моликияти хусусиро кафолат дод.** Маҳз ин омил метавонад, ки ба баланд гардидани вазъи моликиятдории давлат ва шаҳрвандон таъсир расонида, боиси баланд гардидани сатҳи зиндагии мардум гардад, ки инро дар марҳилаҳои давлатдории хеш аллакай мушоҳида намудем.

**Ҳафтум, хусусияти меъёрӣ касб намудани рукнҳои асосии давлатдорӣ дар Конститутсия, аз ҷумла, Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ ифода мегардад.** Рамзҳои давлатӣ муаррифгари мамлакат дар сатҳи байнадмилалӣ маҳсуб ёфта, нишони мавҷудияти як давлати соҳибихтиёр бо номи Тоҷикистон мебошанд.

**Ҳаштум, бо қабул гардидани Конститутсияи ҶТ ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи алоҳидаи ҳокимияти давлатӣ эълон гардида, ҷиҳати таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолат дар доираи салоҳияти худ ба сифати ҳокимияти мустақили давлатӣ фаъолият дорад.**

Хулоса бояд намуд, ки дар шароити имрӯзаи мамлакат вазифаи ҷониву имонии ҳар яки мост, ки ба меъёрҳои Конститутсия арҷ гузорем ва дар асоси он барои расидан ба ҳадафҳои бузурги созандаамон талош намоем.

# КОНСТИТУТСИЯ – ИФОДАГАРИ АЗМУ ИРОДАИ ХАЛҚ



**Шукрона РУСТАМЗОДА**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ**

## КОНСТИТУТСИЯ – МАҲСУЛИ АНДЕШАИ МИЛЛӢ

Бунёди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро соҳибихтиёрии халқ ташкил медиҳад, зеро он маҳз аз ҷониби халқ ва барои худи халқ қабул гардидааст. Яъне Конститсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иродаи озоди шаҳрвандон қабул гардида, ифодагари орзуву омоли халқи тоҷик мебошад.

## ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА КОНСТИТУТСИЯ

Истиқлолият ва Конститутсия ба ҳамдигар алоқаманд буда, пурракунандаи якдигар мебошанд. Ҳар як давлати соҳибистиқлол ҷиҳати муайян намудани самтҳои бунёдӣ, кафолати эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳи инсон ва шаҳрванд, муайян намудани сохтори давлатӣ Конститутсияи худро қабул менамояд. Конститутсияи давлати соҳибистиқлол бошад, ҳамчун санади олӣ ё қонуни асосӣ Истиқлолияти давлатиро ба расмият дароварда, муҳимтарин самтҳои фаъолияти сиёсиву ҳуқуқӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳаёти ҷомеаро муайян менамояд.

Бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ ва заҳматҳои беназири Пешвои муаззами миллат ҳамчун роҳбари комиссияи конститутсионӣ оид ба таҳияи Конститутсия дар соли 1994 Конститутсияи Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон қабул гардид.

Нақши таърихии Конститутсия, пеш аз ҳама, дар он аст, ки аз солҳои аввали истиқлолияти халқи Тоҷикистон – ҳамчун баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ – сарнавишти худро маҳз тибқи муқаррароти ҳамин ҳуҷҷати тақдирсоз муайян намуда, самтҳои тараққиёти ҳамаи соҳаҳои зиндагиашро мушаххас гардонид.

## КОНСТИТУТСИЯ – ИФОДАГАРИ АЗМУ ИРОДАИ ХАЛҚ

Бо азму иродаи мардум қабул гардидани қонунҳо, аз ҷумла, Конститутсия яке аз намунаҳои барҷастаи шакли демократии қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Дар банди 2 Эъломияи истиқлолияти ҶТ аз 24 августи соли 1990 зикр гардид, ки "халқ ҳокимияти давлатиро ҳам бевосита ва ба воситаи мақомоти намояндаҳо дар асоси Конститутсияи ҶТ амалӣ мегардонад". Дар Эъломияи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он халқ сарчашмаи ҳокимият эътироф гардида буд, зарурати аз ҷониби халқ қабул гардидани қонуни асосии давлат ба миён омад. Бинобар ин, барои қабул гардидани Конститутсия навини ҶТ 6 ноябри соли 1994 раъйпурсии умумихалқӣ баргузор гардид, ки дар рафти он зиёда аз 94 дарсади шаҳрвандони ҳуқуқи дар раъйпурсӣ иштирокдошта ширкат варзида, ба тарафдории Конститутсияи амалкунанда зиёда аз 87 дарсад иштироккунандагон овоз доданд.




Волоияти Конститутсия дар низоми қонунгузорӣ аз он вобастагӣ дорад, ки он бо иродаи халқ қабул гардидааст. Вобаста ба ин, дар моддаи 10 Конститутсия зикр гадидааст, ки "Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд". Меъёри мазкур ду хусусияти муҳимми Конститутсияро муайян кардааст: а) эътибори олии ҳуқуқӣ доштани Конститутсия; б) мустақиман амал кардани меъёрҳои Конститутсия.

## КОНСТИТУТСИЯ – ТАҶАССУМГАРИ АРЗИШҲОИ МАРДУМСОЛОРӢ

Конститутсия ифодагари манфиатҳои халқ буда, ҳуқуқҳои бунёдии инсон, иштироки васеи халқро дар идоракунии давлатӣ ва масъалаҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа кафолат медиҳад.

Конститутсия дар худ принсипҳои демократиро ҷой додааст, ки моҳияти он дар меъёрҳои зерин ифода гардидаанд:

1) давлати демократӣ муайян намудани Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 1);

2) арзиши олӣ будани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ (моддаи 5);

3) эътирофи халқ ҳамчун баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани он ба таври бевосита ё ба воситаи вакилонаи худ (моддаи 6);

4) кафолати инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ (моддаи 8);

5) кафолат додани ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии инсон ва шаҳрванд (боби 2), аз ҷумла ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти сиёсӣ (моддаи 27), ҳуқуқи муттаҳид шудан (моддаи 28), ҳуқуқ ба озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифода аз воситаҳои ахбор ва ғайра.

Бояд зикр кард, ки эҳтиром, риоя ва иҷрои меъёрҳои Конститутсия ҷузъи муҳимми хислати ватандўстӣ ва ҳувияти миллии ҳар як шахс маҳсуб меёбад, зеро дар даврони истиқлол, маҳз ба шарофати эҳтиром ва амалишавии меъёрҳои Конститутсия имкони бунёди ҷомеаи озоду демократӣ ва шаҳрвандӣ фароҳам омад, инчунин суботи сиёсиву ваҳдати миллӣ, пешрафти бемайлон ва пойдориву бардавомии имрӯзу ояндаи давлату миллат таъмин гардид.

# СУХАН АЗ ВОЛОИЯТИ КОНСТИТУТСИЯ

**Мардуми Тоҷикистони соҳибистиқлол баробари қабули аввалин Конститутсияи худ озодӣ ва ҳуқуқи инсонро муқаддас ва бунёди ҷомеаи адолатпарварро вазифаи худ эълон карда, унсурҳои асосии ҷомеаи шаҳрвандиро муайян намуд. Бо қабули ин ҳуҷҷати тақдирсоз таъмини волоияти қонун ва рушди тамоми соҳаҳо дар Тоҷикистон таъмин гардида, бахри пешрафти самтҳои гуногуни ҷомеа шароити мусоид фароҳам оварда шуд.**

Ин нукта санаи 1 ноябри соли 2022 зимни баргузории конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Нақши Конститутсия дар амалишавии ҳадафҳои стратегии давлат», ки дар пояи кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ доир гардид, баён шуд.

Дар кори конференсия олимони соҳа, намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аспирантону унвонҷӯён иштирок намуданд.





Декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонализода Н.Ш. зимни ироаи суханронии худ оид ба аҳамият ва зарурияти мавзуи матраҳшаванда суханронӣ намуда, иброз дошт, ки Конститутсияи Тоҷикистон истиқлолияти давлати тоҷиконро ба расмият дароварда, асосҳои сиёсиву ҳуқуқӣ ва самтҳои асосии таҳкиму пешрафти ояндаи онро мутобиқи меъёрҳои эътирофшудаи муосир муайян сохт.

**Сипас, профессори кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултет Ашурбой Имомов оид ба «Таъмини устувории Конститутсия», академики Академияи миллии илмҳо, д.и.х., профессор Маҳкам Маҳмудзода, доир ба «Нақши Суди конститусионӣ дар таъмини волоияти Конститутсияи миллӣ», профессори кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносӣ Диноршоҳ Азиз Мусо оид ба «Развитие конституционной реформы и дальнейшее развитие прав человека в Таджикистане”, директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.х., дотсент Иззатулло Саидзода, оид ба «Баъзе андешаҳо доир ба функсияҳои асосии Конститутисяи ЧТ», дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносӣ Фирӯз Сулаймонов, доир ба «Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи асосии ҳуқуқи гражданӣ» ва дигарон маъруза намуданд.**

# ФАЪОЛИЯТИ ОМӮЗГОРОНИ ҶАВОН БОЯД НАЗАРРАС БОШАД...

Омӯзгорӣ касби пурифтихор, бошараф ва соҳибрисолат аст. Омӯзгор барои рушди ҷомеа, таҳкими худшиносию худогоҳии миллӣ муваззаф мебошад. Бояд дар хотир гирифт, ки омӯзгор бояд заҳмат ба харҷ диҳад то наслро ба камол расонад. Насли одӣ не, насли созанда, бунёдкор, дурандеш, худшинос, худогоҳ, ҷомеасоз.

Ин масъала, зимни воҳӯрии навбатии ректори ДМТ, профессор Хушвахтзода Қ.Х. бо омӯзгорони ҷавони донишгоҳ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Зимнан таъкид шуд, ки саҳми омӯзгорони ҷавон дар рушду инкишофи самтҳои мухталифи донишгоҳ бояд аз



пештара бештар ба назар расад. Хусусан дар низоми таълим, тарбия ва илм фаъолияти омӯзгорони ҷавон бештар дида шавад.



Гуфта мешавад, ки дар донишгоҳ наздик ба 600 нафар омӯзгорони ҷавон бояд рисолаҳои илмии худро ҳимоя намоянд. Роҳбарияти донишгоҳ омодааст, ки дар ҳама самтҳо ба омӯзгорони ҷавон кумак намояд. Аммо, дар хотир бояд гирифт, ки тобиши зиндагӣ собит месозад, ки давлати омӯзгор шогирдонаш мебошанд. Аз ин рӯ, дар тарбияи шогирдони ватандӯсту хештаншинос бояд бештар кӯшиш намоем ва эҳтироми устоду шогирд ва ё шогирду устодро ба ҷой оварем.



# СЕМИНАРИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВӢ

Санаи 27 октябри соли 2022 бо ташаббуси кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ семинари илмӣ-назариявӣ устодони ҷавони кафедра баргузор гардид.

Дар рафти семинари мазкур устодон, докторантону унвонҷӯён ва магистрантони кафедра – Иброҳимзода Д.К., Азимов З.М., Розиқзода Д.З., Пирова Г.С., Фарҳодзода В. Ва Шарипов А. иштирок намуда, доир ба паҳлуҳои гуногуни илми назарияи давлат ва ҳуқуқ андешаҳои худро иброз доштанд.

Дар фарҷоми семинари илмӣ-назариявӣ аз ҷониби иштирокчиён як силсила хулоса ва таклифу тавсияҳои судманди илмӣ пешниҳод гардиданд.



**Масъули саҳифа
САЪДИЗОДА Ч.**

# КОНСТИТУТСИЯ – САРЧАШМАИ ТАРТИБОТИ ҲУҚУҚӢ



**Фаридуни САФАРАЛӢ**
**донишҷӯи соли 3**

Конститутсия асоси ташкили давлати соҳибистиқлол, ҳуқуқбунёд, демократӣ, дунявӣ, ягона ва иҷтимоии Тоҷикистон буда, дар боби аввали он асосҳои сохтори конститутсионӣ муқаррар шудааст. Маҳз дар ин санади олии ҳуқуқӣ ҳуқуқу озодиҳои инсон арзиши олӣ эътироф гардида, соҳибихтиёрии халқ, гуногунандешӣ, тақсими ҳокимият ба шохаҳои мустақил, волоияти қонун, гуногуншаклии моликият кафолат дода шудааст.

Бинобар ин, Конститутсия бахтномаи миллат ва тақдирсози имрӯзу фардои давлати Тоҷикистон ва миллати тоҷик маҳсуб ёфта, ҳифз ва риояи меъёрҳои он ба ҳар як фард қарзи шаҳрвандӣ аст. Бояд ёдовар шуд, ки 28 сол қабл ҶТ ягона ва нахустин Конститутсияи давроні соҳибистиқлолияшро қабул намуда, сохтори давлатдории худро мустаҳкам сохт.

Мо шаҳрвандон ифтихор аз он дорем, ки ҳуқуқ ва озодиҳои мо дар ин қонун зикр ва эътироф шудаанд ва ҳамзамон аз ҷониби давлат риоя ва ҳифз мегарданд. Набояд фаромуш кард, ки дар ин роҳ саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беназир бузург аст.






**Саломиддин ШАРАПОВ**
**студент 2-го курса**

Принятие Конституции на общенародном референдуме свидетельствует о высоком уровне ответственности граждан за свое будущее и дальнейшую судьбу государства и является выражением духа патриотизма и самосознания народа. Именно благодаря конституционным достижениям сегодня в стране царят мир, стабильность и национальное единство.

6 ноября 1994 года на всенародном референдуме была принята Конституция Республики Таджикистан, которая сыграла огромную роль в деле становления независимого демократического Таджикистана и обеспечении мира на таджикской земле. В честь этого события в стране был установлен государственный праздник – День Конституции Республики Таджикистан, который официально был включён в перечень государственных дат Таджикистана в 1998 году.

**Динора ҚАЛАНДАРОВА**
**студент 4-го курса**



Конституция Республики Таджикистан – основной закон Таджикистана, принята 6 ноября 1994 году, состоит из 10 глав и 100 статей. В соответствии со статьей 10 Конституции Республики Таджикистан Конституция обладает юридической силой, ее нормы имеют прямое действие. Законы и другие правовые акты, противоречащие Конституции, не имеют юридической силы. Государство и все его органы, должностные лица, граждане и их объединения обязаны соблюдать и исполнять Конституцию и законы республики. Международно-правовые акты, признанные Таджикистаном, являются составной частью правовой системы республики. В случае несоответствия законов республики признанным международно-правовым актам применяются нормы международно-правовых актов.

**Сайёҳат НАЗАРОВА**
**студент 2-го курса**

Конституция Таджикистана это высокого уровня документ, который соответствует всем международным стандартам, а также тому образу жизни, мышления, взглядам основного населения республики. Здесь какого-либо противоречия основного закона с установками населения не существует.

Конституция – это не документ единовременного пользования и не способ единовременного достижения результата. Она показывает путь. Тот длинный путь, по которому мы должны идти и к чему стремится, что мы и пытаемся делать на протяжении всех этих лет. Конституция – это не только юридический документ, это всенародный документ. Статьи, которые прописаны в Конституции, написаны доступным народным языком. Когда народ будет хорошо знать Конституцию, то основываясь на знании основного закона, каждому гражданину можно будет решать практически любой вопрос, отстаивать свои права в любых сферах деятельности.

**Abduvali ABDULLOEV**
**the 3rd course student**

The number of countries approach 200 and we can't imagine countries without this document. And why it's so important because everyone Is different and they have own political beliefs and character but Constitution direct all people in to one rule and behavior



also the first Constitution by nowadays meaning Appeared in 1787 in America France and Poland. Tajikistan also Adopted this document 6th November 1994 Co1nstitution of the Republic of Tajikistan consist of 10 chapter and 100 article and these hundred articles includes all sphere of human activity. It this document was adopted by referendum and three time it was amended by this way in September 1999, June 2003 and may 2016 according to article first of the republic of Tajikistan. Tajikistan is sovereign, democratic, law-based state, secular and unitary.

**Гирдоваранда**
**Шерзода Бурҳоналӣ**



# САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАҲИЯ ВА ҚАБУЛИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



Ҷомӣ ШЕРАЛИЗОДА
ассистенти кафедраи
ҳуқуқи конститутсионӣ

**Дар таърихи навини халқи тоҷик Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон шахсиятест, ки на танҳо дар ташаккулу таҳаввули таърихи давлатдории соҳибистиқлоли тоҷик ва ҳастии имрӯзу фардои Тоҷикистон, балки барои эҳё намудани падидаҳои неку писандида ва арзишҳои волои фарҳангии ниёгонамон хизматҳои барҷаста анҷом додааст.**

Бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ яке аз мақсадҳои асосии роҳбарияти олии мамлакат қабул гардидани Коститутсияи ҶТ махсуб меёфт. Зеро маҳз ин санади олии ҳуқуқӣ кишвари моро ба тариқи расмӣ дар сатҳи байналмилалӣ муаррифӣ менамояд. Бояд зикр кард, ки марҳилаи нави таҳияи лоиҳаи Қонуни асосӣ баъд аз багузории Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии ҶТ, барқарорсозии сохтори конститутсионӣ ва ташаккули мақомоти нави ҳокимияти давлатӣ оғоз ёфт. Дар Иҷлосияи XVI-уми ғайринавбатии Шурои Олии ҶТ тавассути ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қарори Шурои Олии ҶТ аз 23 августи соли 1990 «Дар бораи таъсиси Комиссияи оид ба таҳия намудани лоиҳаи Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳайати нави Комиссияи конститутсионӣ таҳти роҳбарии Раиси Шурои Олии ҶТ Эмомалӣ Раҳмон тасдиқ гардид.

Дар асоси масъулияти баланди таърихӣ, таҳлили воқеияти ҷорӣ, набудани омилҳои асосии идоракунии ҷумҳурии парлумонӣ, аз ҷумла, ҳизбҳо ва созмонҳои таҷрибадор ва ба инҳо монанд, Комиссияи конститутсионӣ ба хулоса омад, ки тибқи он ба муҳокимаи умумихалқӣ лоиҳаи Конститутсияи шакли идоракунии ҷумҳуриявӣ пешниҳод карда шавад, ки он шакли идоракунии президентиро дар худ инъикис менамуд.

**Ҳамин тавр, 6 ноябри соли 1994 Конститутсияи замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон қабул гардид ва Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуданд.**

Маҳз натиҷаи хизматҳои арзандаву шоёни Пешвои миллат буд, ки 11 декабри соли 1999 ба унвони Қаҳрамони Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуд. Мувофиқи Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки барои халқи Тоҷикистон хизматҳои бузурги беназир кардааст, ба сифати «Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» эътироф шудааст. Аз рӯзи аввали омадан ба арсаи сиёсат то ба имрӯз Президенти кишвар ҳамеша мекӯшад, ки давлатдории миллиро тақвият бахшад, осоишу сулҳу субот ва ҳаёти арзандаро барои миллати тоҷик фароҳам оварад.




**Сарвари кишварамон Эмомалӣ Раҳмон ҷонибдори он аст, то ҳар шаҳрванди кишвар худшиносу ҳудогоҳ бошад ва дар ободии кишвари азизамон, ки хонаи умумии ҳамаи тоҷикистониён ва тоҷикони бурунмарзӣ аст, саҳмгузор бошад. Дар умум, бояд зикр кард, ки хизматҳои Президенти кишвар назди миллатамон хеле бузург аст ва моро зарур аст, ки ҳамеша қадрдонии онро намоем, ба қадри сулҳу осоиштагӣ бирасем.**

Ҳамин тавр, хулоса намудан мумкин аст, ки нақши Пешвои миллат дар таҳияи Конститутсияи соли 1994 арзанда буда, маҳз бо ташаббус ва роҳнамоҳои хирадмандони ӯ миллати тоҷик ва кишвари мо соҳиби Қонуни асосӣ гардид. Сарчашмаи тамоми қонунгузории мамлакат, ки таъминкунандаи мавҷудияти давлати ҳуқуқбунёд мебошад, Конститутсия баромад мекунад.

# КОНСТИТУТСИЯ ВА РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

Конститутсияи ҶТ асосҳои сохтори конститутсионӣ, ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, тартиби ташкил ва фаъолияти мақомоти давлатиро муайян менамояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз ҷумлаи дастовардҳои бузурги мардуми Тоҷикистон, заминаи ҳуқуқии бунёди давлати соҳибистиқлоли тоҷикон, шакли ифодаи ҳуқуқии армонҳои давлатдории миллӣ, ҳимояи ҳадафҳо ва манфиатҳои миллӣ, осори таърихӣ ва фарҳанги миллӣ ҳисобидаанд.



Маҳз дар Конститутсия заминаҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ ва мафкуравии инкишофи давлат муайян гардиданд. Ин санади олии ҳуқуқӣ дорои нуқтаҳои барномавии мақсаднок буда, онҳоро бо назардошти қонуниятҳои инкишофи ҷомеа пешбинӣ мекунад. Бо мақсади аниқтару мушаххастар намудани роҳҳои инкишофи таърихӣ бо назардошти равандҳои нави инкишофи ҷамъиятӣ ба Конститутсияи кишвар солҳои 1999, 2003 ва 2016 тағйиру иловаҳо ворид гаштанд, ки саривақтӣ буданд.

**Конститутсияи ҶТ воқеан бахтномаи миллат, гувоҳномаи давлати соҳибистиқлол ва рисолаи тақдири кишвар буда, ба шарофати он ҷаҳониён Тоҷикистонро чун субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналмиллалӣ, кишвари татбиқкунандаи сиёсати дарҳои кушод ва халқи Тоҷикистонро чун мардуми бунёдкор, сулҳпарвар ва фарҳангӣ шинохтаанд.**

Тибқи моддаи 12 Конститутсия асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳад. Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла, моликияти хусусиро кафолат медиҳад. Ба ин хотир, меъёрҳои конститутсионӣ бахшида ба ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ, соҳибкорӣ, шаклҳои дигари фаъолияти озоди иқтисодӣ аҳамияти муҳим доранд. Ҳуқуқи моликият ҳуқуқи қонунан эътирофгардида ва ҳифзшавандаи субъект оид ба тибқи салоҳдиди худ соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани молу мулкаш мебошад.

Ҳамзамон, дар асоси моддаи 32 Конститутсия ҳар кас ҳуқуқ дорад соҳиби моликият ва мерос бошад, ки асос барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дониста мешавад. Аз ин хотир аст, ки Конститусияи Тоҷикистон гуногуншаклии моликият, баробарии онҳоро эътироф мекунад. Ин бесабаб нест, зеро асоси иқтисодии ҷомеаи шаҳрвандиро гуногуншаклии моликият ташкил медиҳад.

**Бояд иброз дошт, ки барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар сатҳи Конститутсия заминаҳои зерини ҳуқуқӣ муҳайё шудааст:**



Хуршед КАРИМОВ
ассистенти кафедраи
ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат

**1. Гуногуншаклии моликият, аз ҷумла, мавҷудияти моликияти хусусӣ;**
**2.Озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ;**
**3.Ҳуқуқи машғул шудан ба ҳама гуна фаъолияте, ки қонун манъ накардааст;**
**4. Интихоби озоди функсияи (фаъолиятӣ) меҳнатӣ.**

**Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан многоуважаемый Эмомали Рахмон отметил, что Конституция, будучи великим достоянием таджикского народа образовала правовые основы построения демократического, правового, светского и унитарного государства, является высшей формой правового выражения национальной государственности, защиты национальных интересов и охраны прав каждого гражданина страны.**



Умед МУРОДЗОДА
ассистент кафедры
конституционного права




# КОНСТИТУЦИЯ – ГАРАНТ СТАБИЛЬНОСТИ

Конституция – это важный и особый документ демократического государства. В современном понимании она возникла в конце 18-го века. В настоящее время во всех странах мира, а их число приближается к 200, имеются свои конституции. Конституции в мире играют огромную роль в жизни каждого государства, что определяется их особым местом в правовой системе стран.

**Конституция прежде всего это – путь в цивилизованный мир. Для таджикского народа этот путь не был усыпан цветами, он был долгим и тернистым.**

Нам всем известно, что ни один человек не похож на другого, что каждый индивидуален. Люди отличаются возрастом, полом, внешностью, характером, политическим убеждениям и тому подобное. Их всех объединяют единые правила поведения, законы, которые прежде всего нужны для стабильного и спокойного общества. Для этого и существует Конституция – основной закон государства.

**Конституция Республики Таджикистан была принята 6 ноября 1994 года путем всенародного референдума и этим же путем в неё были внесены изменения и дополнения три раза: 26 сентября 1999, 22 июня 2003 и 22 мая 2016 гг.**

Конституция Республики Таджикистан – это основной закон страны, обладающий высшей юридической силой, принятый в особом порядке и закрепляющий основы конституционного строя, основы правового статуса личности, основные принципы организации и деятельности механизма государства. Конституция – это необходимый и очень важный документ в жизни современного общества. Это основной закон государства, обладающий высшей юридической силой и устанавливающий основы политической, правовой и экономической систем данной страны. В соответствии с Конституцией формируется законодательство государства.

Достоинство личности охраняется государством, ничто не может быть основанием для его умаления; каждый имеет право на свободу и личную неприкосновенность, каждому гарантируется свобода мысли и слова, право частной собственности охраняется законом, труд свободен; каждый имеет право на охрану здоровья и медицинскую помощь; каждый имеет право на образование, право на участие в культурной жизни, на доступ к культурным ценностям, на самостоятельный выбор профессии, поступление в высшие учебные заведения, посещение музеев и т.д. – всё это обеспечивает Конституция.

С большой гордостью стоит также отметить, что Конституция Республики Таджикистан, по мнению экспертов, является одной из лучших конституций мира, которая определила дальнейший путь развития независимого государства. Конституция страны определяет права и обязанности граждан, защиту их прав и свобод, интересы государства, организаций, учреждений и всего общества. Наша Конституция включает в себя принципы гуманности и философии права, представляет интересы таджикского народа и выражает его твердую и целеустремленную волю.

Благодаря миру и стабильности, национальному единству и солидарности народ независимого Таджикистана под мудрым руководством Лидера нации уважаемого Эмомали Рахмона уверенно идет к своему светлому будущему, созидая и совершенствуя любимую Родину.

Сегодня мы находимся на преддверии празднования одной из величайших событий истории нашего древнего народа 28 – летия принятия Конституции Республики Таджикистан, внесшая неоценимый вклад в становление, развитие и укрепление суверенного Таджикистана.

# РУШДИ ВАРЗИШ ДАР ФАКУЛТЕТ

Факултети ҳуқуқшиносӣ дар баробари боргоҳи мухташами илму маърифат буданаш, ҳамзамон ба рушд ва равнақ додани соҳаи варзиш диққати махсус сафарбар намудааст. Ғамхории пайвастаи садорати факултет аст, ки донишҷӯёни ин боргоҳ дар мусобиқаҳои гуногуни сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардида, нуфуз ва манзалати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ-ро боз ҳам баланд мебардоранд.

Маврид ба тазаккур аст, ки саҳми устодони риштаи варзиши донишгоҳ дар самти музаффариятҳои донишҷӯёни факултет назаррас мебошад. Онҳо донишҷӯёнро аз рӯйи равияҳои гуногуни варзишӣ омода намуда, ба мусобиқаҳои сатҳҳои мухталиф сафарбар менамоянд. Яке аз чунин шахсони соҳибмактаби риштаи варзиш, муаллими калони кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши ДМТ Ҳабибов Шоҳ Сафарович мебошад. Номбурда ҳамчун мураббии шоистаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, устоди варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба футбол муддати солҳои зиёд аст, ки донишҷӯёнро дар бахшҳои гуногуни варзиш, махсусан футболи хурд омода намуда, манзалати факултет ва донишгоҳро дар сатҳҳои гуногун баланд мебардорад. Мавсуф имрӯзҳо ба синни муборaки 65 қадам ниҳода, дар халқаи шогирдон қарор дорад ва онҳоро ба обутоби батан пайваста талқин менамояд. Идораи рӯзномаи "Минбари ҳуқуқшинос" ва ҳайати устодони кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши ДМТ Ҳабибов Ш.С.-ро ба ин синни муборак самимона табрик намуда, ба эшон саломатӣ ва сарбаландии ҳамешагиро таманно менамоянд.

**Тахияи**
**Саид БОБОЕВ**

# CONSTITUTION – LEGAL PHENOMENON OF MODERN TIMES

**One of the most important political events in the period of state independence was the adoption of the Constitution of the Republic of Tajikistan by national referendum on November 6, 1994.**



Sunatullo AZIMOV
assistant of the department
of human right and
comparative law

The Constitution has the highest legal power, direct application and supremacy on the whole territory of Tajikistan. The Constitution proclaims the establishment of a democratic, legal, secular and unitary State, where the State power is based on the principle of separation of powers. As the fundamental law of the State, the Constitution defines the structure of the government, basic rights, liberties and responsibilities of its citizens, as well as the powers of the legislative, executive and judicial branches.

The Constitution of the Republic of Tajikistan has established a real basis for regulating the peaceful life of citizens, protection of human rights and freedoms, economic activity and political diversity. The Constitution of the Republic of Tajikistan considers human and civil rights and freedoms of the highest value and guarantees their recognition and protection by the state.

This important document defined the structure of statehood and the life structure of the new Tajik society, and laid a real foundation for peace and stability as well as national unity. It should be noted that our Constitution plays an important role in the development of the new statehood, political and economic relations of Tajikistan and is a document that embodies the dreams of the people of Tajikistan.

**Over the 28 years of its existence, the Constitution of the Republic of Tajikistan has contributed to the strengthening of the foundations of statehood, the rule of law, and the protection of human rights and freedoms, and presented our country's reputation in the international arena.**

The Founder of Peace and National Unity, the Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon noted: "The Constitution, as the highest law, provides the basis for the progress of society through the adoption of new laws and regulates various social relations, and provides the legal basis for the further development and improvement of such relations".

The Constitution protects the rights and freedoms of citizens and enables all of us to have equal rights in all different social and political spheres. To participate directly or indirectly in public administration.

The Constitution of the Republic of Tajikistan has gained worldwide significance and is widely regarded by political scientists as a reflection of the democratic process in Tajikistan.

Through the great values of the Constitution of the Republic of Tajikistan, the Tajik people have succeeded in creating an independent and sovereign state after a thousand years and have become an independent, active and respected subject of the international community.

**Thus, the Constitution of the Republic of Tajikistan is one of the great achievements of the Tajik people during the independence period and plays a significant role in the development of the Tajikistan.**



Миралӣ СОБИРОВ
ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ

**Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ Тоҷикистон дар радифи дигар давлатҳои собиқ роҳ ба сӯи мустақилиятро гирифта, санаи 9 сентябри соли 1991 истиқлолияти комили худро ба даст овард ва дар аҳсои олам ҳамчун узви комилҳуқуқ пазируфта шуд.**

**Баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи кишвари азизи мо ба сӯи оянда боз ҳам дурахшонтар гардид. Дар ин давра, халқи шарафманди мо тавонист ба дастовардҳои зиёде ноил гардад, ки яке аз онҳо ин қабули Конститутсия мебошад. Ин санади басоҳам муҳимму тақдирсози миллат муайянкунанда ва кафолатдиҳандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб рафта, муаррифгари мо дар сатҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ махсуб меёбад.**

# ГУЗАРЕ БА КОРОМАДИ КОНСТИТУТСИЯ




Агар ба таърихи қабули Конститутсия (6 ноябри 1994) назар афканем пас хотирнишон бояд сохт, ки ин бахтномаи миллат ба осонӣ ва сабукӣ ба мо даст надодааст. Дар он замонҳои тазод ва ҷонбозиҳо барои пурра ва воқеан ҳимоя намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва манфиатҳои давлат ҳуҷҷате лозим буд, ки дар асл таъмингари ин ҳуқуқҳо шуда тавонад. Барои қабули Конститутсия чанд маротиба лоиҳаи он таҳия гардида буд, вале бо сабабҳои гуногун то ба интиҳои кор омада нарасид. Вале баъдтар, Тоҷикистони азиз бо кӯшишу заҳматҳои фарзандони нобиғаи худ тавонист ин лоиҳаро таҳия намуда, то умқи кор бурда расонад. Бояд зикр намуд, ки барои таҳияи лоиҳаи Конститутсия ва қабули он Эъломияи истиқлолияти ҶШС Тоҷикистон (24 августи соли 1990) асос гардида буд. Мутобики моддаи 5 Эъломияи мазкур «Дар ҳудуди РСС Тоҷикистон ҳукмравоии Конститутсияи РСС Тоҷикистон ва қонунҳои РСС Тоҷикистон» муқаррар гардида буд.

Замоне, ки зарурияти таҳияи лоиҳаи Конститутсия ва қабули он ба миён омад, комиссияи конститутсионӣ бо роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон таъсис дода шуд, ки эшон дар он вақт ба ҳайси Раиси Шӯрои Олӣ фаъолият менамуданд. Ин комиссия лоиҳаи Конститутсияро таҳия намуда, барои муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод намуд. Лоиҳа дар рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ба нашр расида аз ҷониби шаҳрвандон мавриди муҳокима қарор гирифт. Қобили зикри хос аст, ки дар Иҷлосияи XVI-ум дар шаҳри Хуҷанд баргузор гардида институти президентӣ аз Конститутсия хориҷ гардида буд. Баъзехо дар он ақида буданд, ки барои кишвари мо ҷумҳурии президентӣ бештар хос аст. Дигар қисмати мардум бошад ҷонибдори ҷумҳурии парламентӣ буданд. Ҳамин тариқ, ҳангоми таҳияи лоиҳаи Конститутсия муқобилони институти президентӣ ҷунин ибрози андеша намуданд, ки Тоҷикистон бояд ҷумҳурии парламентӣ бошад ва аз диди худ ҷунин ақидаро ба кавле дастгирӣ ва асоснок мекарданд. Дар натиҷа, бо дарназардошти баҳсу мунозираҳо 2 лоиҳа, яке лоиҳаи Конститутсияи ҷумҳурии парламентӣ ва дигаре лоиҳаи Конститутсияи ҷумҳурии президентӣ таҳия гардид. Вале барои овоз додану ҷонибдорӣ кардан аз ҷониби халқ танҳо лоиҳаи ҷумҳурии президентӣ пешниҳод гардид ва дар Комиссияи конститутсионӣ ҷумҳурии президентӣ аксарияти овозҳоро соҳиб гардида дониста шуд. Ҳангоми муҳокимаи лоиҳаи Конститутсия онҳо барои ҶТ пурра зарур будани ҷумҳурии президентиро бо асосу далелҳои дақиқ исбот намуда, иброз доштанд, ки барои мо танҳо ва танҳо институти президентӣ зарур аст. Ҳанӯз дар иҷлосияи 19-уми Шурои Олии ҶТ Пешвои миллат қайд намуда буданд, ки «Шакли мувофиқ ва боэътимоде, ки имрӯз ба шароити мушаххаси ҶТ ҷавоб медиҳад, ҷумҳурии президентӣ мебошад» ва ҳамин тавр низ шуд. Конститутсияе, ки ҳоло амал мекунад дар моддаи 1 қисми 2 пешбинӣ менамояд, ки шакли идораи ҶТ президентӣ мебошад. Ҳамин тариқ, 20 июли соли 1994 «Қонун дар бораи ислоҳоти конститутсионӣ» қабул гардид ва дар ин қонун тарзи омода намудани лоиҳа ва қабулу интишори Конститутсия муайян гардида буд. Билохира, 6 ноябри соли 1994 бо роҳи райъпурсии умумихалқӣ Конститутсияи ҶТ қабул гардид. Дар партави Конститутсияи соли 1994 мамлакат дорои як қатор қонунҳои наву сарнавиштсоз гардид, ки муҳимтарин муносибатҳои ҷамъиятиро танзим менамоянд.

Баъди оне ки Конститутсия дар тарҳи нав соли 1994 қабул гардид, Пешвои миллат иброз доштанд, ки рӯзи 6 ноябри соли 1994 дар таърихи ҶТ як воқеаи бузург ба вуқӯъ пайваст. Халқи тоҷик дар таърихи ҷандинҳазорсолаи давлатдориаш бори аввал Конститутсияи комили хешро қабул намуд. Ҳар як моддаву меъёри он баҳри ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, густурдатар гардонидани поряҳои давлатдорӣ ва муҳайё намудани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона барои ҳар як инсон бахшида шудаст.

Ҳамин тариқ, пас аз соҳибхтиёру соҳибистиқлол гардидани ҶТ қонуният хусусияти конститутсионӣ гирифта, иҷроиши он ба тадриҷ устувор гардид ва мавқеву манзалати худро дар ҷомеа пайдо намуд. Конститутсияи айни замон амалкунанда дар моддаи 10 пешбинӣ менамояд, ки давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо уҳдадоранд Конститутсия ва дигар қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд. Аз ин рӯ, ҳар қадар солҳо моро аз қабули ин санади тақдирсоз дур бубарад ҳамон қадар аҳамияти он дар замони муосир мазмуну моҳияти навро касб менамояд ва ҳамчун ифодагари азму ирода ва нияту оромонҳои неки инсонӣ ва равшангари роҳи пешрафти ҳаёти ҷомеа мегардад.

Ҳамин тавр, Конститутсия санаде мебошад, ки дурнамои инкишофи давлатро муайян мекунад ва он барои садсолаҳо қабул гардида дар он вазифа, мақсад ва пешрафти ҷомеа бароиояндаи дур муқаррар карда мешавад.

# КОНСТИТУТСИЯ ВА ВАЗИФАҲОИ ОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ ДАВЛАТДОРӢ

Имрӯз ҳар як кишваре, ки худро ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва мутамаддин муаррифӣ мекунад, дорои Конститутсияи худ мебошад. Конститутсия ифодакунандаи иродаи халқ буда, таҳкимбахши соҳибихтиёрии ҳар як давлат ба ҳисоб меравад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд дорои Қонуни асосии худ мебошад. Ин санади олии ҳуқуқӣ дар низоми қонунгузорӣ ҳамчун ҳуҷҷати заминавӣ ба ҳисоб рафта, доира ва хусусияти танзимсозии давлатиро дар ҳамма соҳаҳои асосии ҷамъият ҳамзамон, асосҳои сохтори конститутсионӣ, вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, ташкили низом ва принсипҳои фаъолияти мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, мустаҳкамнамоии ташкили мақомоти давлатӣ ва муайян намудани робитаи он бо ҷомеа, инсон ва шаҳрвандро муқаррар намуда, ба танзим медарорад.

Конститутсия ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ асоси ҳуқуқии тамоми қонунгузории кишвар ба шумор рафта, дар такмили қонунгузории миллӣ ва рушди низоми ҳуқуқи миллӣ нақши назаррасро доро мебошад.

Ҳамчунин, дар баробари ин, Конститутсия барoбари ҳислатҳои зикргардида, ҳамчунин, як қатор вазифаҳоро иҷро менамояд, ки аз инҳо иборатанд:

Аввалан, вазифаи муассисии Конститутсия. Ин вазифаи Конститутсия дар он зоҳир мегардад, ки он дар натиҷаи тағйирёбии куллии ҳаёти ҷамъиятӣ қабул шуда, заминаи ҳуқуқию сиёсии инкишофи зинаиояндаи ҷомеаро муайян менамояд. Воқеан, агар ба таърихи қабули Конститутсияи замони соҳибистиқлолӣ назар афканем он дар натиҷаи тағйирёбии куллии ҳаёти ҷамъиятӣ, яъне гузариш аз сохти сотсиалистӣ ба ҷомеаи бозоргонӣ қабул гардидааст;

Дуюм, вазифаи ташкилии Конститутсия. Вазифаи ташкилии конститутсия дар он ифода меёбад, ки он на танҳо натиҷаи бадастомадаро дар ҳаёти ҷамъиятӣ инъикос ва дарҷ карда, дар назди давлат вазифаҳои нав мегузорад, инчунин фаъолияти сиёсии мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандонро ба танзим медарорад. Дар воқеъ, Конститутсияи ҶТ он комёбию муваффақиятҳои миллати тоҷикро, ки дар тули ҳазорсолаҳо ба даст овардааст, дар худ инъикос намудааст. Аз ҷумла, он дар асоси банинобатгирии таърих, фарҳанг, минталитет, идеологияи миллӣ қабул гардида, давлатро барои ҳифзи ин арзишҳои муқаддас мувазаф мегардонад. Дар баробари ин, Конститутсия тартиби ташкилу фаъолияти сохторҳои муҳимми давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро дар ин ифода намудааст;

Сеюм, вазифаи сиёсии Конститутсия. Вазифаи мазкур дар он ифода меёбад, ки Конститутсия пояи ҳуқуқии фаъолияти сиёсати хориҷии давлат ба шумор меравад. Албатта, ҳангоми ба амал баровардани сиёсати хориҷии мамлакат дар мадди аввал меъёрҳои Конститутсия гузошта мешаванд. Аз ҷумла, ҳангоми ратификатсия намудани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба тавri бояду шояд мутобиқатии онҳо ба Конститутсияи мамлакат баинобат гирифта мешавад.

Чаҳорум, вазифаи мафкуравии Конститутсия, яъне конститутсия мафкураи сиёсиро ба сифати мафкураи ҳукмрон ё муайянкунанда муқаррар мекунад. Дар Тоҷикистон мафкураи ягон ҳизб ва ё гуруҳҳои муайян ба ҳайси мафкураи давлати эътироф намегардад. Ба андешаи мо, тартиби мазкур кобили қабул аст, зеро маҳз ба ин васила мо метавонем ба бунёди ҷомеаи дунявӣ дастёб гардем.

Панҷум, вазифаи ҳуқуқии Конститутсия. Ин вазифаи Конститутсия дар он ифода мегардад, ки он асоси низоми ҳуқуқӣ ва тартиботи ҳуқуқии нав мегардад. Конститутсия танзимгари бевоситаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва сарчашмаи асосӣ барои қабули дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад, ки онҳо асосан ифодагари мафкуравии конститутсия хоҳанд буд. Воқеан, таҷрибаи давлатдории миллӣ нишон дод, ки ин вазифаи худро Конститутсияи ҶТ ба таври зарурӣ ба анҷом расонид. Зеро аз лаҳзаи қабул гардиданаш то ба ҳол дар заминаи он зиёда аз ҳазор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардида, барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ равона гардидаанд.



Диловар ДАВЛАТОВ
дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ

Ҳамин тавр, то ба имрӯз Конститутсияи ҶТ аз соли 1994 барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар кишвар мусоидат карда, маҳз тавассути ин вазифаҳо дар пешравии давлат ва ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нақши сазовори худро мегузорад.

# ҲУҶҶАТИ САРНАВИШТСОЗИ ДАВЛАТУ МИЛЛАТ




**Конститутсия ҳуҷҷати муҳимми ҳуқуқӣ буда, барои ҳар як давлат нақши калидӣ дорад. Конститутсия санади воқеан таърихиву муқаддаси ҳар як давлату миллат, ҳуҷҷати сарнавиштсоз, муайянкунандаи дурнамои давлат ва таҷасумкунандаи армонҳои миллӣ мебошад.**

Конститутсияи соли 1994 аз конститутсияҳои пештар вуҷуддошта бо як қатор хусусиятҳои хос фарқ менамояд.

АВВАЛАН, Конститутсияи соли 1994 аз ҷониби халқ бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардидааст. Яъне, он аз ҷониби халқ ҳамчун баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ қабул шудааст. Вобаста ба ин масъала Пешвои миллат қайд менамояд, ки "Конститутсия маҳсули андешаи миллӣ ва арзишҳои бунёдии халқи кишвар мебошад, зеро ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз маҳз ба шарофати андешаву хувияти миллӣ, таҳаммулгароӣ ва ҷасорату матонати сиёсии мардуми дорои маърифати баланди ҳуқуқӣ қабул гардида, барои устувории пояҳои давлати мустақил мусоидат намуд".

ДУЮМ, Конститутсияи соли 1994 дар худ арзишҳои муҳимми миллӣ, демократӣ ва умумибашариро мустаҳкам намудааст. Аз ҷумла, дар моддаи 8 он зикр шудааст, ки дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ сурат мегирад.

СЕЮМ. Конститутсия – муайянкунандаи роҳи ояндаи давлату миллат аст. Конститутсия муайянсозандаи дурнамои пешрафти ҷомеа ва давлат аст. Самтҳои асосии инкишофи ҷомеа, роҳи пешгирифтаи давлат, инчунин арзишҳои меҳварии сиёсати давлатӣ дар сатҳи Конститутсия муайян карда мешавад.



Фирдавс САФАРЗОДА
магистри соли 1

ЧОРУМ, меъёрҳои Конститутсия – меҳвари сиёсати ҳуқуқии мамлакат махсуб меёбанд. Сиёсати ҳуқуқии мамлакат баъди қабули Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол ба марҳилаи сифатан нави рушд ворид гардид. Меҳвари сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро арзиши олӣ будани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳифзи онҳо, гуногунандешии сиёсӣ, баробари шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ, фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, рақобати озод дар иқтисодиёт ташкил медиҳанд.

**Дар воқеъ, барои бунёди давлати демократию ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ эҳтироми қонун ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ муҳим аст. Вобаста ба ин, мо ҷавононро зарур аст, ки пайваста меъёрҳои Конститутсияро риоя ва иҷро намуда, аз доираи Конститутсия берун набароем ва кӯшиш намоем, ки қонуну қонуният мизони воқеии зиндагӣ, пойдевори ҳаёти ҳаррӯза гардад.**

# КОНСТИТУТСИЯ ВА АҲАМИЯТИ ОН

Конститутсия қонуни асосии кишвар, заминаи такмилу эҷоди санадҳои қонунгузорӣ ва муайянсозандаи дурнамои муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Қонунҳои қабулкардаи ҳокимияти қонунгузор, санадҳои ҳокимияти иҷроия ва санадҳои қабулкардаи ҳокимияти судӣ бояд ба Конститутсия мутобиқат намоянд.

Зеро Конститутсия эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Сабаби




волоияти Конститутсияро нисбат ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо асосҳои зерин муайян кардан мумкин аст:

1. Меъёрҳои Конститутсия эътибори олии ҳуқуқӣ доранд. Эътибори олии ҳуқуқӣ доштани меъёрҳои Конститутсия дар моддаи 10-и он ба пуррагӣ инъикос ёфтааст. Ҳамзамон низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" аз 30 майи соли 2017 пешбинӣ гардидааст, ки дар он Конститутсия мақоми авввалро ишғол менамояд.

2. Конститутсия сарчашмаи тамоми соҳаҳои ҳуқуқ ба шумор меравад. Тамоми соҳаҳои ҳуқуқие, ки дар кишвар вуҷуд доранд ва ё ин ки имконияти ба вуҷуд омаданашон мумкин аст, бояд аз Конститутсия сарчашма гиранд, чунки муайян набудани меъёри муқарраршуда дар Конститутсия, мумкин аст, ки бархӯрди меъёрҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд орад.

3. Конститутсия ин иродаи халқ аст. Ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот аст. Маҳз ба воситаи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи ҶТ қабул гардидааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат вобаста ба ин масъала қайд мекунад, ки "Конститутсияи мо аз андешаи ҳокимияти мардум ба василаи мардум ва барои мардум, ки ҷавҳари аслии соҳибихтиёрии халқ аст, сарчашма мегирад".



Аҳмад Нигаматов
магистри соли 1

4. Тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки қабул мешаванд бояд ба меъёрҳои Конститутсия мутобиқ бошанд. Дар сурати мухолифати онҳо бо меъёрҳои Конститутсия онҳо қувваи ҳуқуқии худро гум мекунанд, яъне бекор карда мешаванд ва меъёрҳои Конститутсия амал мекунад. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсия мебошанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд.

5. Конститутсия дар низоми санадҳои меъёри ҳуқуқӣ мавқеи аввалиндараҷаро соҳиб аст. Низом (иерархия) -и санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ин вобаста ба қувваи ҳуқуқӣ ҷобаҷогузории санадҳоро дар назар дорад.

Аз хусусиятҳои зикршуда бармеояд, ки Конститутсия барои ҳар давлату миллат зарур ва муҳим арзёбӣ гардида, имрӯзу фардои пешравӣ ва муваффақиятҳои мамлакат аз он вобастагии амиқ дорад.

# МАЪЛУМОТҲОИ ҶОЛИБ ДАР БОРАИ КОНСТИТУТСИЯ

1. Аввалин ҳуҷҷати дорои хусусияти коститутсионӣ, вале эътибори ҳуқуқӣ надошта, Конститутсияи Филипӣ буд.

2. Конститутсияи аввалин ва ҳоло ҳам амалкунанда, Конститутсияи ИМА ба ҳисоб меравад, ки он 7 декабри соли 1787 дар штати Делавэр тасдиқ шудааст. Он на танҳо қадимтарин, балки кӯтоҳтарин Конститутсия ба ҳисоб меравад, ки аз 4,4 ҳазор калима иборат аст. Ҷолиб он аст, ки дар Конститутсияи ИМА вожаи «демократия» зикр нашудааст.

3. Дар давоми дусад соли охир ба Фаронса муяссар гардид, ки 16 Конститутсия қабул карда, 6 лоиҳаи онро рад кунад. Ба ҳисоби миёна дар мамлакат дар ҳар 13,5 сол як қонуни асосӣ қабул карда шудааст.

4. Дар Британияи Кабир то ҳол Конститутсия ҳамчун ҳуҷҷати ягона вуҷуд надорад. Бо вуҷуди ин маҳз Британияи Кабир яке аз кишварҳои намунавии демократии Ғарб



Дилрабои АБДУҶАББОР
донишҷӯи соли 3

махсуб мешавад.

5. Бузургтарин Конститутсия дар ҷаҳон Конститутсияи Ҳиндустон аст, ки соли 1950 қабул шудааст. Он аз 465 модда ва 12 замима иборат аст.

6. Конститутсияи Ҷопон бо номи «Конститутсияи сулҳ» маълум аст. Он соли 1947 пас аз шикасти Ҷопон дар Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ қабул шудааст.



# КОНСТИТУТСИЯ – АСОСИ ҲУҚУҚИИ МУҚОВИМАТ БО ТЕРРОРИЗМ

**Терроризм – ҳамсафари доимии инсоният аст, ки ба шумораи падидаҳои хавфнок ва душворпешгӯикунандаи замони муосир тааллуқ дошта, шаклҳои бештар гуногуни таҳдидкунандаро доро мебошад.**

Терроризм ҳамчун падидаи мазмуни оммавӣ ва сиёсӣ дошта, натиҷаи «деидеологизатсия»-и оламгир, яъне, вақте ки гурӯҳҳои алоҳида дар ҷомеа қонуният ва ҳуқуқи давлатро зери шубҳа гузошта, бо ин гузариши худро ба террор барои расидан ба мақсадҳои худ дуруст мешуморанд, мебошад. Гурӯҳҳои мухталифи ҷинояткор актҳои террористиро бо мақсади тарсонидани аҳолӣ, инчунин, нобуд сохтани рақиби худ бо мақсади таъсир расонидан ба ҳокимияти давлатӣ барои шароит фароҳам овардан чиҳати анҷом додани фаъолияти ҷинояткорона содир менамоянд. Қурбонии акти террористӣ метавонад ҳар кас бошад – ҳатто шахсе, ки ба ин моҷаро ягон муносибат надошта бошад.

**Солҳои охир, дар тамоми ҷаҳон сатҳи содир гардидани актҳои террористӣ тамоюли афзоишро дар худ гирифтаанд: солҳои 80-ум то 800, дар солҳои 90-ум то 900, дар аввали солҳои 2000-ум бошад, то 1000, соли 2016 то 1787 (13759 кушта, 16683 захмӣ). Дар асоси маълумотҳои расонаҳои байналмилалӣ дар соли 2021 то 8000 актҳои террористӣ содир гардидааст, ки аз онҳо 23 ҳазор нафар қурбон гардидааст.**

Дар 5 соли охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 5098 (2016-1100, 2017-1053, 2018-765, 2019-1062, 2020-1118) ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористидошта содир гардидаанд, ки нисбат ба соли 2018-2019 афзоиши онҳо ба мушоҳида мерасад. Аз омори мазкур бармеояд, ки вазъияти содир гардидани кирдорҳои террористӣ дар ҶТ низ ташвишовар буда, барои бартараф кардани ин актҳои хатарафзо тамоми имкониятҳо аз ҷониби давлат ва мақомотҳои давлатӣ андешида мешавад.

Дар айни замон, кирдорҳои террористӣ хеле бераҳмона сурат мегиранд ва бештар вақт ба муқобили аҳолии осоишта равона мешавад. Террористон дар фаъолияти худ ярокҳои бештар марговарро ба муқобили аҳолии осоишта истифода мебаранд. Хатари соҳиб шудан ва истифодаи яроқи катли ом аз ҷониби гуруҳҳои террористӣ меафзоянд. Мисоли равшани он мустақилона сохтан ва истифодаи воситаи захролудкунандаи асаб-«зарин» аз ҷониби сектаи динии «Аум Синрикиё» дар Токиё шуда метавонад.

Ҳаминро бояд хотирнишон кард, ки дар муносибат ба масоили мавҷудияти ин ва ё он гурӯҳҳои майли террористӣ дошта, мо низ мисли дигар таҳлилгарон муқобили тағйияи терроризм аз нуқтаи назари динӣ, мазҳабӣ, миллӣ ва ғайра мебошем.

Дар баробари ин, мо мавҷуд будани омилҳои дигари муҳимми иҷтимоӣ, сиёсӣ, психологӣ ва ғайраи терроризмро инкор наменамоем. Вале мутазаккир бояд шуд, ки баҳри муборизаи муваффақона алайҳи терроризм танҳо омили ҳуқуқиро бояд ба кор бурд. Яъне, фаъолияти ташкилотҳо ва гурӯҳҳои террористӣ бояд айнан дар асоси меъёрҳои мукаррарнамудаи қонун баҳо дода шаванд. Зеро терроризм ин ҷиноят буда, террористҳо шахсони ҷиноятлкоранд, ки бояд мутобиқан бо меъёрҳои муқаррарнамудаи қонун ба ҷавобгарӣ кашида шаванд. Дар тақвияти ба ин, чӣ хеле ки мутахассиси ҳуқуқи байналмилалӣ Х.С. Хомушов менависад: на «терроризми исломӣ», на «терроризми ирландӣ», балки ҷиноят ва ҷинояткор арзи вуҷуд дорад. Терроризм ин бадбахтии умум буда, ба он мумкин аст, танҳо бо саъю кӯшиши якҷояи давлатҳо ва халқҳо, сарфи назар аз мансубияти динӣ ва миллиашон мубориза бурд.

Баъд аз оне ки 9 сентябри соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолияти давлатии худро эълон намуд, яке аз самтҳои асосӣ ва муҳим дар соҳаи сиёсати ҳуқуқии он – мубориза бар зидди ҷинояткории муташаккилона, бахусус, коррупсия, бандитизм, терроризм, муомилоти ғайриқонунӣ бо моводи мухаддир ва ғайра махсуб дониста мешаванд.

**Дар ин асно, эҷод ва қабули Конститутсияи соли 1994 такони ҷиддие дар фаъолияти қонунбарорӣ ва татбиқи қонун гардид. Дар моддаи 8 Конститутсия муқаррар гардид, ки таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст. Маҳз ин маъёри конститутсионӣ сарчашмаи манъи фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳое, ки ба терроризм даъват мекунанд ва мақсади ноором сохтани ҷомеаро доранд. Аз ин бармеояд, ки Коститутсия сарманшаи ҳуқуқии муқовимат ба терроризм баромад мекунад.**



Рустам ИСМАТОВ
магистри соли 2

**Дар заминаи Конститутсия 21 маи соли 1998 Кодекси ҷиноятии ҶТ қабул гардида, аз 1 сентябри ҳамон сол эътибор пайдо кард, ки он замина ва воситаи асосии мубориза бар зидди ҳама гуна ҷинояткорӣ, аз ҷумла, терроризм ба шумор меравад.**

Дигар санаде, ки мубориза алайҳи ин падидаи манфӣ пешбинӣ намудааст, Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бо терроризм» аст, ки онро Маҷлиси Олии ҶТ моҳи ноябри соли 1999 дар иҷлосияи 14-уми худ қабул намудааст.




**Терроризм (м.179) ҳамчун ҷиноят дар фасли VIII, боби 21 «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ» пешбинӣ шуда, кирдорҳои зеринро дар назар дорад:**

**1) Содир кардани таркиш дар ҷойҳои ҷамъиятӣ (дар роҳ, воситаҳои нақлиёт, мағоза, муассисаҳои маданию равшаннамоӣ, муассисаҳои давлатию ҷамъиятӣ ва ғайра);**

**2) Оташ задани биноҳои истиқоматӣ, маъмурӣ, хоҷагӣ (анборҳо, муассисаҳои саноатӣ ва савдо, муассисаҳои таъминкунандаи қувваи барқ, гармӣ ба аҳолӣ ва ғайра);**

**3) Тирпарронӣ аз яроқи оташфишон;**

**4) Содир кардани дигар ҳаракатҳо вайрон кардани дарғотҳо ва кӯшиши зери об мондани масоҳати калон, вайрон кардани системаи обдиҳӣ, ҳатти барқ ва дигар объектҳои барои аҳолӣ ҳаётан муҳимро дар назар дорад.**

Дар моддаи 179 КҶ барои содир кардани ҷинояти терроризм ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз 5 то 25 сол, ҷазои қатл ва якумра маҳрум сохтан аз озодӣ бо мусодираи молу мулк пешбинӣ гардидааст.

**Ҳамчунин, дар эзоҳи моддаи фавқулзикр, намуди махсуси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти террористӣ муқаррар шудааст. Мутобиқи нишондодҳои эзоҳ шахсе, ки дар омода сохтани кирдори террористӣ иштирок дорад, дар сурате аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад, ки: – агар мақомоти давлатиро сари вақт огоҳ созад ё бо роҳи дигар содир гаштани кирдори террористиро пешгирӣ кунад; – ва агар дар ҳаракатҳои ин шахс дигар таркиби ҷиноятӣ мавҷуд набошад.**

Сари вақт огоҳ сохтан чунин огоҳонидани мақомоти давлатиро дар назар дорад, ки мақомоти дахлдор имконияти вокеии аз байн бурдани хавфи акти террористии ба вуқуъомадаро дорад.

Ҳамин тавр, муқовимат бо терроризм мақсади асосии давлату ҳукумати мамлакатро дар бар гирифта, бо ин падидаи манфии ҷамъиятӣ танҳо бо роҳи қонунӣ мубориза бурдан имконпазир аст. Пас, заминаи асосии аввалиндарҷаи ҳуқуқии муқовимат ба терроризм Коститутсияи ҶТ баромад мекунад.



# КОНСТИТУТСИЯ ВА ҶОМЕАИ НАВИНИ ТОҶИКИСТОН



Нерӯз МИРЗОЕВ
донишҷӯи соли 3

Шароитҳои таърихӣ имконият ба миён оварданд, ки ҷомае ба тағйиротҳои куллӣ рӯ ба рӯ гардад. Баъди барҳам хурдани давлати абарқудрати шуравӣ зарурати ташкили давлати соҳибистиқлол ба миён омад. Албатта, мавҷудияти давлат бе қонун, аз ҷумла Конститутсия ғайриимкон дониста мешавад. Аз ин рӯ, бунёди давлати соҳибихтиёр имконият ба вуҷуд овард, ки низоми ҳуқуқии мамлакат эҳё гашта, санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёд, аз ҷумла Конститутсияи ҶТ қабул гардад. Новобаста аз он ки Конститутсияи мо дар шароити басо душвори миллӣ қабул гардидааст, меъёрҳоеро дар худ ифода намуд, ки мутобиқ ба давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ дониста мешаванд.

Зеро бо назардошти вазъияти баамаломада дар кишвар зарурати дигаргун кардан ва ба талаботи замон мутобиқ сохтани қонунгузории ҷории кишвар, аз ҷумла Конститутсияи он ба миён омад. Зеро Конститутсияи онвақтаи кишвар ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо дар назардошти сиёсати замони Шуравӣ, аз ҷумла, сиёсати яккаҳизбиву банақшагирии самтҳои мухталифи ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии онвақта таҳияву қабул шуда буданд, ки ба дигаргуниҳои солҳои даврони истиқлол созгар буда наметавонистанд. Барои ҳамқадаму ҳамрадиф ва ҳамдӯшу ҳамнафас будани ҷумҳурӣ бо мамолики мутараққӣ ва ҷомеаи мутамаддин бо мақсади дар ҷомеа рушду равнақ бахшидан ба равандҳои демократӣ, ба мисли ҳуқуқбунёдиву дунявӣ ба халқ тааллуқ доштани ҳокимият ва ба шохаҳо тақсия гаштани он, гуногунандешии сиёсӣ, арзишҳои олӣ эътироф намудани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ, инчунин гуногуншаклии моликият, аз ҷумла, рушди иқтисоди бозаргонӣ ва соҳибкорӣ, эътироф намудан ва ба таври озод амалӣ намудани моликияти хусусӣ бояд иқдомҳои амиқу босамар анҷом дода шавад.

Инак, аз қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 сол сипари гардид ва мардум бо ифтихор 6 ноябрро ҳамчун рӯзи қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола қайд мекунанд. Боиси ифтихор аст, ки Конститутсияи кишвар дастгиру роҳнамои мардуми тоҷик гардид. Вазифаи ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ аз он иборат аст, ки меъёрҳои Конститутсияро риоя намуда ба он амал кунанд.

**Қонуни мо, ки ҳуҷҷати**
**пурифтихори мост,**
**Қонуни истироҳату таҳсилу**
**кори мост,**
**Қонуни сарфарозиву**
**авҷу барори мост.**
**Қонуни халқу давлати**
**пуриқтидори мост.**





# КОНСТИТУТСИЯ ВА РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ



Сумая РАҚИБОВА
донишҷӯи соли 1

Пас аз пош хӯрдани давлати шуравӣ Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардид. Ин ҳодисаи фараҳбахш 9 сентябри соли 1991 бо қабул гардидани "Изҳорот дар бораи Истиқлолияти давлатии ҶТ" ба вуқуъ пайваст. Ин санад роҳу равиши ҷомеа ва сарнавишти халқи тоҷикро ба кулӣ дигаргун сохт. Ин ҳуҷҷати таърихӣ қонунан истиқлолияти давлати моро ба аҳли башар эълон кард.

Баъди ба даст овардани истиқлолият миллати тоҷик ва мардуми Тоҷикистон марҳила ба марҳила ба комёбиҳои бузург ноил гардиданд. Яке аз чунин муваффақиятҳои арзишманд ин қабул гардидани Конститутсияи ҶТ маҳсуб меёбад.

Конститутсия барои эътироф кардани Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ ва устувор гардидани нуфузу обруи он аҳаммияти бузургро соҳиб аст ва ҳамчунин, барои мустаҳкам гардидани ҳамкориҳои кишвари мо бо давлатҳои хориҷӣ кумак мекунад.

Баъди соҳибистиқлол гардидан ва қабул гардидани Конститутсияи ҶТ ҷараёни расмии эътирофи мамлакати мо дар сатҳи байналмилалӣ сурат гирифт. Аз ин рӯ, бо дарназардошти ин хусусият то имрӯз Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ қариб тамоми кишварҳои ҷаҳон ба расмият шинохта, кишвари мо бо аксари онҳо равобити дипломатӣ барқарор намуда, дар ҳудуди кишвар сафоратхонаҳои давлатҳои ҷаҳон, аз қабили Россия, ИМА, Олмон, Туркия, Чин, Ҳиндустон, Эрон, Покистон, Британияи Кабир, Ҷумҳурии Корея ва ғайра фаъолият менамоянд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ вобаста ба манфиатҳои миллӣ дар асоси Конститутсия самтҳои асосии сиёсати хориҷии худро ба роҳ монда, дар кишварҳои хориҷӣ, ба монанди Федератсияи Россия, Ӯзбекистон, Чин, Эрон, Ҷопон, Австрия, Арабистони Саудӣ, Белгия, Британияи Кабир, ИМА, Ҷумҳурии Куба, Озарбойҷон, Олмон, Миср, Покистон, Туркия, Туркманистон, Украина, Швейтсария, Ҳиндустон, Қазоқистон ва Қирғизистон намояндагиҳои дипломатӣ (сафоратҳо) ва дар назди Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва Созмони ҳамкории Шанхай намояндагиҳои доимии худро ташкил намудааст.

Ҳамин тариқ, Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз муносибатҳои хориҷии хешро бар асоси Конститутсия ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, қабл аз ҳама, баробарҳуқуқии ҳамаи субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва риояи соҳибихтиёрии дигар давлатҳо ба роҳ мондааст.

# ХАТАРИ ИФРОТГАРОӢ БА ҶОМЕА



Амирҷон ИНОМОВ
донишҷӯи соли 3

Бузургтарин хатарҳое, ки ба ҷомеаи муосир таҳдид доранд, таассубу ифротгароӣ, терроризм ва бо мақсадҳои ғаразноки гурӯҳӣ ба тарзи сунъӣ сиёсӣ намудани ислом аст. Ифротгароӣ ва таассуб дар ҳар шакл ба ҳар миллату давлат ва дину эътиқоди мардум хатари зиёд дорад.

Дар тамоми дунё эътироф шудааст, ки ифратгароӣ ба ҷомеа хатари калон меорад. Мо, ҷавонони насли нав, дар кадом шакл набошад, ифротгароиро қабул надорем, чунки он ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро поймол мекунад. Қайд кардан ҷоиз аст, ки ифратгароӣ асосҳои маънавии ҷомеаро вайрон намуда, ба амнияти минтақа, тамоми ҷаҳон, аз он ҷумла, ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам таҳдид мекунад. Тоҷикистон, ки ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро аз сари худ гузаронидааст ва бо зуҳуроти зишти ин падидаи ғайриинсонӣ аз наздик ошно мебошад, ҷонибдори муборизаи қотеъ, пойдору устувор ва ҳамоҳангшудаи ҷомеаи ҷаҳонӣ бар зидди он аст.

Сарфи назар аз тадбирҳои солҳои охир андешидашуда дар бахши мубориза бо терроризм, таҳдиди амалҳои нави террористӣ на фақат аз байн нарафтааст, балки афзоиш ёфтааст. Дар гӯшаҳои гуногуни ҷаҳон фаъолшавии созмонҳои террористӣ ва ташкилоту созмонҳои маблағгузори онҳо ба мушоҳида мерасад. Дар охири қарни XIX ва XX амалҳои террористӣ бештар хусусияти сиёсӣ ба худ гирифта, доираи фаъолияти террористон хеле васеъ мегардад. Бо инкишофи техника ва технологияи нав шаклу намудҳои нави терроризм ба вуҷуд меоянд, ки аз рӯи иқтидори харобиовариашон ба амалиёти калони ҷангӣ шабоҳат доранд.

Яке аз унсурҳо ва роҳҳое, ки таблиғотҳои ифротӣ маълумотҳои бардуруғ ва иғвоангез паҳн карда мешавад ва диққати ҷавонону наврасонро ба худ ҷалб мекунанд, ин шабакаҳои иҷтимоӣ ва интернет мебошад. Мутаасифона, дар ҷомеаи имрӯза фарҳанги истифодабарии телефонҳои мобилӣ ва шабакаҳои иҷтимоиро ҳеҷ як шаҳрванд риоя наменамояд ва маҳз ҳамин боиси вайрон шудани идеялогияи онҳо ва шомил шудан ба гуруҳҳои ифротӣ ва экстремистию террористӣ мегардад.

**Мо ҳеҷ гоҳ набояд фаромӯш созем, ки интернет барои нодон, нодонӣ ва барои ҷинояткор ҷиноят, барои судхур рибо, барои ҳақ ҳақравӣ, барои олим илм ва барои золим зулм аст.**




# КОНСТИТУТСИЯ ВА ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ



**Файзалӣ АЗИЗЗОДА**
донишҷӯи соли 3

Яке аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ барои ҳар як давлати демокративу ҳуқуқбунёди замони муосир Конститутсия маҳсуб меёбад. Аз мафҳуми ин истилоҳ бармеояд, ки меъёрҳои он асосҳои сохтори конститутсионӣ, вазъи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва тартиби ташкил ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатиро дар худ инъикос менамояд.

Бинобар ин, бо муҳиммияти хоси худ, анқариб тамоми давлатҳои ҷаҳон дорои Конститутсияи худ мебошанд ва дар қатори ин кишварҳои ҷаҳон ҶТ низ дорои Қонуни асосии замони соҳибистиқлолии худ буда, дар он мақсаду мароми миллати тоҷик ва мардуми Тоҷикистон ифода гардидааст, зеро он дар асоси раъйпурсии умумихалқӣ 6 ноябри соли 1994 қабул гардидааст. Дар қабул гардидани ин санади волои ҳуқуқӣ нақши муассири Пешвои миллат ба назар мерасад, зеро комиссияи дахлдор вобаста ба таҳияи Қонуни асосӣ аз ҷониби Пешвои миллат таъсис дода шудааст.

**Конститутсияи навини ҶТ дорои як қатор хусусиятҳои хоси худ аст, ки фарқияти онро аз Конститутсияҳои замони пеш нишон медиҳад:**

**1. Конститутсияи навини ҶТ дар натиҷаи иваз шудани як низоми давлатдорӣ ба дигараш қабул гардидааст. Агар ба меъёрҳои конститутсияҳои қабли назар афканем, дар онҳо дар мадди аввал манфиатҳои ҷомеа ва давлат мавриди ҳифз қарор мегирифт. Ҳатто аз муқаррар кардани ҳуқуқу озодиҳои табиии инсон худорӣ менамуданд. Лекин Конститусияи замони соҳибистиқлолӣ дар мадди аввал манфиатҳои инсон ва шаҳрвандро қарор дода, барои амалишавии онҳо кафолатҳои мушаххасро пешбинӣ намудааст. Аз ҷумла, ҳуқуқу озодиҳои табии инсон дахлнопазир эълон гардида, давлатро барои ҳифз ва ҳимояи онҳо муаззаф намудааст. Инчунин, баръакси конститутсияҳои пешин ҳуқуқи ҳар як шахсро ба моликият эътироф намуда, барои амалигардии ин ҳуқуқ муқarrаротҳои зиёдро дар худ таҳким бахшидааст.**

**2. Конститутсияи навини мо муқарраротро дар бораи тақсими шохаҳои ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ намуда, дар моддаи 9 инъикос менамояд, ки ҳокимият ба 3 шоха тақсим мешавад. Мақсади ин принсип, яъне тақсими ҳокимият ба шохаҳо ба миён овардани мувозинат ва манъи дахолат нисбат ба якдигар аз ҷониби шохаҳои ҳокимият мебошад. Чунин таҷриба дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии пешин мавҷуд набуд ва ҳокимият ба шохаҳо тақсим намегардид.**

**3. Конститутсия асоси сиёсати хориҷии ҶТ маҳсуб меёбад. Тавре маълум аст, то ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ кишвари мо, ки дар ҳайати собиқ давлати шуравӣ қарор дошт, имкони ба таври мустақил ба амал баровардани сиёсати хориҷии худро надошт. Дар шароити имрӯза бошад, дар моддаи 11 Конститутсия моҳияти сиёсати хориҷии мамлакати мо пешбинӣ гардидааст.**

**4. Конститутсия гуногунандеширо дар ҷомеа устувор карда, барои инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ шароити мусоидро фароҳам овард. Маҳз, Конститутсия мафкураи сиёсиро ба ҳайси мафкураи ҳукмрон эътироф карда, дахолати мафкураи динӣ ва ақидаи гурӯҳҳоро дар идоракунии давлат роҳ намедиҳад.**

**5. Конститутсия сарчашмаи низоми ҳуқуқии ҶТ баромад намуда, тамоми соҳаҳои ҳуқуқ аз он сарчашма мегиранд. Яъне, гуфтан имконпазир аст, ки Конститутсия асоси бунёди давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишвари мо маҳсуб меёбад. Зеро тамоми қонунҳои қабулгардида дар асоси Конститутсия қабул гардида, меъёрҳои онҳо бояд ба меъёрҳои Қонуни асосӣ мувофиқ бошанд.**

**6. Конститутсия дар асоси амалигардонии бевоситаи иродаи халқ қабул гардида, бо дарназардошти андешаи миллӣ меъёрҳо мураттаб шудааст. Санадҳои байналмилалии қабулгардида чунин хусусиятро доро намебошанд. Аз ин рӯ, чунин эътироф кардан мумкин аст, ки дар сурати мухолифати он ба санадҳои байналхалқӣ маҳз меъёрҳои конститутсия амал мекунанд.**

Хулоса намудан мумкин аст, ки Конститутсия омили пешрафти давлат, кафили сулҳу субот ва амнияти комили кишвар ба ҳисоб меравад.